آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

5 июни соли 2021. Шанбе

№ 44 (14745)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО РАИСИ СЕНАТИ ҚАЗОҚИСТОН САМТҲОИ ВАСЕЪ НАМУДАНИ ҲАМКОРИИ БАЙНИПОРЛУМОНИРО МУҲОКИМА НАМУД





**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 4 июн раиси Сенати парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаевро қабул кард, ки бо ташрифи расмӣ аз мамлакатамон боздид менамояд.**

Роҳбари давлат бо қаноатмандӣ дараҷаи имрўзаи баланди муносибати дўстона, некҳамсоягӣ ва шарикии стратегии Ўзбекистону Қазоқистонро таъкид кард, ки ба шарофати алоқаҳои мунтазам ва босамар дар дараҷаи олӣ ба даст омадаанд.

Дар навбати худ раиси Сенат Маулен Ашимбаев ба пешвои Ўзбекистон барои пазироии гарм изҳори миннатдории самимӣ намуд ва паём ва беҳтарин таманноҳои Президенти Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаевро расонд.

Зимни суҳбат масъалаҳои рушди минбаъда ва амиқсозии ҳамкории гуногунҷанбаи байни мамлакатҳоямон баррасӣ гардиданд.

Таъкид шуд, ки бо мақсади якҷоя бартараф намудани оқибатҳои пандемия дар дараҷаҳои ҳукуматҳо, минтақаҳо ва тиҷорат табодули фаъол идома дорад. Аз аввали соли ҷорӣ табодули амволи тарафайн 40 фоиз зиёд гардид. Барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги ҳамкорӣ дар мошинсозӣ, саноати бофандагӣ, соҳаҳои нақлиёт, ҷаҳонгардӣ ва дигар ҷанбаҳои иқтисодиёт омодагӣ давом дорад. Барномаҳо дар соҳаи маданиву гуманитарӣ барқарор гаштаанд.

Аҳамияти иштироки фаъоли парлумонҳои Ўзбекистон ва Қазоқистон дар ташаккули рўзномаи истиқболноки ҳамкории дуҷониба, пешбурди ташаббусҳо ва лоиҳаҳои мушаххаси нав бо ҷалби васеи минтақаҳои маъмурӣ ва доираҳои соҳибкорон ва инчунин пурзўр намудани ҳамдастӣ ва ҳамоҳангсозӣ доир ба масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва байналхалқӣ махсус таъкид гардид.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

## ТОҶИКОН ВА ЎЗБЕКОН – БАРОДАРОНИ ҶОВИДОН!

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳафтаи оянда бо сафари расмӣ ба Душанбе меравад. Ин ташрифи чаҳоруми сарвари Ўзбекистон ба Тоҷикистон ҳамчун Президент мебошад. Бори охир Шавкат Мирзиёев соли 2019-ум барои иштирок дар ҳамоиши панҷуми Машварат оид ба ҳамкорӣ ва чораҳои эътимод дар Осиё ба Душанбе сафар карда буд.***



Дар арафаи сафари Президент Шавкат Мирзиёев директори генералии Оҷонсии миллии иттилоотии Ўзбекистон – ЎзА Абдусаид Кўчимов ва директори Оҷонсии миллии иттилоотии «Ховар» Саидалӣ Сиддиқ дар бораи ҳолати кунунӣ ва пешомадҳои ҳамкории ду кишвар суҳбат карданд.

**А.Кўчимов:** – Муҳтарам Саидалӣ Раҷабалӣ, биёед рўзҳоеро, ки дар таърихи ҳамкории мамлакатҳои мо саҳифаи нав кушоданд, ба хотир оварем. Тавре ки маълум аст, 9-10 марти соли 2018-ум Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев аввалин сафари давлатиро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор кард. Саҳв намешавад, агар гўем, ки ин ташриф дар таърихи ду мамлакат давраи навро боз намуд.

– **С.Сиддиқ:** – Оре, ин воқеаи таърихӣ буд, зеро роҳбари Ўзбекистон баъди тақрибан 20 сол бори аввал бо сафари давлатӣ ба кишвари мо ташриф оварда буд.

**А.Кўчимов:** – Дар Ўзбекистон ба сафари мазкур тайёрии махсус дида буданд. Пеш аз ташрифи Президенти кишвари мо ба Душанбе мушкилоти зиёде, ки тўли солҳои бисёр дар байни ду мамлакат мавҷуд буданд, яке аз паси дигар дар пояи мулоқот, ҳусни тафоҳум ва эҳтиром ҳаллу фасл гардиданд. Бо саъю кўшишҳои сарони давлатҳои мо масъалаҳои марзбандии сарҳадҳои давлатии байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон куллан ҳаллу фасл шуданд. Боркашониҳои автомобилӣ, ҳаракати роҳҳои оҳани байни Тошканд ва Душанбе барқарор гардиданд. Дар минтақаи Самарқанд – Панҷакент шоҳроҳи байналхалқии автомобилгарди А-377 кушода шуд. Гузаргоҳҳо дар сарҳадҳои давлатии Ўзбекистону Тоҷикистон кори худро оғоз карданд, ки воқеан ба ҷашни ду халқи бародар табдил ёфт.

**С.Сиддиқ:** – Каме пештар, моҳи марти соли 2017 дар Душанбе намоишгоҳи маҳсулоти миллӣ таҳти тамғаи «Дар Ўзбекистон истеҳсол шудааст» ва анҷумани тиҷоратӣ бо иштироки намояндагони доираҳои тиҷоратии ду мамлакат бомуваффақият баргузор гардид. Ин вохўрии аввалин баъд аз дарёфти истиқлолияти ду халқ буд, ки ҳазорсолаҳо бо урфу одатҳои ягона, ақди никоҳҳои омехта ва бо сулҳу салоҳ паҳлўи ҳам мезистанд, меҳмони хонаҳои якдигар мешуданд.



**А.Кўчимов:** – Оре, мо худ дар Интернет хондаву дар матбуот равшан кардаем, ки чи гуна душанбегиён молҳои дар Ўзбекистон истеҳсолшударо бо ҳайрату шодмонӣ тамошо мекарданд, дар бораи муваффақиятҳои мо, аз яхдонҳо, телевизорҳо, телефонҳои мобилӣ то истеҳсоли автомбилҳои боркашону сабук, автобусҳо, техникаҳои хоҷагии қишлоқ ва мошинҳои махсус сухан мегуфтанд.

**С.Сиддиқ:** – Бале, ин ҳақиқат аст. Ман худ шоҳид будам. Сипас ҳангоми сафари Президенти мамлакати мо дар Тошканд намоишгоҳи «Дар Тоҷикистон истеҳсол шудааст» баргузор гардид. Дар намоишгоҳ маҳсулоти зиёда аз 60 корхонаҳои бузурги саноатии кишвари мо: «Талко», «Ғаюр семент», «Моҳир семент», «Фароз», «Шири Душанбе», «Ангишт», «Намаки Ашт ва Хоҷамуъмин», «Қолинҳои Қайроққум», «Амирӣ», «Мақолли», «Оби зулол» пешниҳод гардиданд. Корхонаҳои коркарди филизот, мошинсозӣ, мудофиа, хўроквории, кимёвӣ, ангишт ва саноати сабук номгўйи зиёди маҳсулоти худро намоиш доданд.

**А.Кўчимов:** – Алҳол дар бораи ҳамаи ин сухан гуфтан осон аст. Вале замоне буд, ки ду халқ, ки паҳлўи ҳам мезистанд, аз як дарё об менўшиданд, чоряк аср алоқа надоштанд, барои якдигар бегона буданд...

**С.Сиддиқ:** – Оре, ёдкарди ҳамаи ин андўҳовар аст: мардуме, ки пештар барои якдигар комилан хешу табор буданд, замоне барои ҳамдигар бегона гардиданд. Дар ноҳияи Ленини мо, ки ҳоло ноҳияи Рўдакӣ номида мешавад, бисёр ўзбекон мезистанд ва ҳоло низ дўстона зисту зиндагӣ доранд. Дар деҳкадаи Навобод, ки дар шафати истгоҳи роҳи оҳани Айнӣ (қарибии Душанбе) воқеъ асту ман дар он ҷо таваллуд шуда ба воя расидаам, қашқадарёиён зиндагӣ мекунанд. Мо дар як мактаб хондем, тоҷикон дар синфҳои тоҷикӣ, ўзбекон дар синфхонаҳои ўзбекӣ. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ худро бегона эҳсос намекард.

**А.Кўчимов:** – Дар мо низ чунин мавзеъҳо буданд. Ман дар ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд, ки бо Тоҷикистон ҳамсарҳад мебошад, таваллуд шудаам. Дар ин ҷо тоҷикон зиёданд. Дар ҳар кадом хона, дар ҳар кадом тўй оҳанг ва сурудҳои тоҷикӣ садо медиҳад. Умуман дар мо, ўзбекон ва тоҷикон, нафақат менталитет ягона аст, ҳатто оҳангу сурудҳо, метавон гуфт як хел садо медиҳанд, зеро мо савтиёти ягона дорем... Барои мисол бигирем «Шашмақом»-ро, ки шаш мақоми тоҷикист. Ҳангоме ки оҳангҳои он садо медиҳанд, кас наметавонад пешгўӣ кунад, ки суруд ба забони ўзбекӣ хоҳад буд, ё тоҷикӣ.

**С.Сиддиқ:** – Мо нафақат дар мусиқа, балки дар баргузор кардани тантанаҳо низ бисёр ҷиҳатҳои ҳаммонанд дорем. Моро қисмати ягонаи таърихӣ, динӣ, суннатҳои фарҳангӣ, урфу одатҳо, таомҳо, сару либосҳо муттаҳид мекунанд, ҳатто менталитети мо тақрибан ягона аст. Бигирем, барои намояндагони миллатҳои дигар бо нишонаҳои зоҳирӣ шинохтани ўзбекон аз тоҷикон хеле душвор аст. Чӣ ўзбекон ва чӣ тоҷикон аз сарватҳои ғановатманди мероси фарҳангии якдигар истифода мебаранд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГИЕ, КИ БА ТАКМИЛИ МИНБАЪДАИ НИЗОМИ ДАСТГИРИИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ НИГАРОНИДА ШУДААНД

Бо мақсади таъмини мутtасили чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва такмили минбаъдаи механизмҳои дастгирии оилаҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷ:

Бо дарназардошти пешниҳоди Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва Вазорати молия дар бораи аз нав дида баромадани миқдори ҳадди ақалли нафақа ва кўмакпулӣ **аз 1 июли соли 2021**:

а) ба шахсоне, ки дар ҳаҷми ҳадди ақалли нафақаи барои синну сол муқарраршуда ва аз он камтар нафақа мегиранд, **ба андозаи 20 фоизи** миқдори базавии ҳисобкунии нафақа **пардохти иловагӣ** (минбаъд – пардохти иловагӣ) **ҷорӣ карда шавад**.

Бо ин, андозаи ҳадди ақалли нафақа дар сурати собиқаи нопурра бо назардошти пардохти иловагӣ **аз 256 675 сўм то 400 000 сўм зиёд карда шавад**;

б) андозаи нафақа бинобар синну сол ва маълўлии шахсоне, ки ба миқдори андозаи муқарраршудаи ҳадди ақалли нафақаи бинобар синну сол то 565 000 сўм мегиранд, **ба 565 000 сўм расонда шавад**;

в) ҳаҷми кўмакпулиҳо барои шаҳрвандони пиронсол ва ғайри қобили меҳнат, ки собиқаи кории ногузир надоранд, **аз 315 030 сўм то 400 000 сўм** зиёд карда шавад;

ж) дар сурати гум кардани саробон:

барои ҳар як аъзои ғайри қобили меҳнати оилаи нафақагиранда **пардохти иловагӣ ҷорӣ карда шавад**;

ҳадди ақалли нафақа барои як аъзои ғайри қобили меҳнати оилаи нафақагиранда **аз 256 675 сўм ба 400 000 сўм** расонида шавад ва барои ҳар як узви ғайри қобили меҳнати оилаи нафақагиранда тибқи тартиби ҷорӣ нафақа дода шавад;

бо мақсади фарогирии ҳамаи аъзои оилаҳое, ки нафақа мегиранд, миқдори кўмакпулӣ барои як узви ғайри қобили меҳнати оилаи мазкур **400 000 сўм** ва барои ҳар як аъзои минбаъдаи ғайри қобили меҳнати чунин оилаҳо **150 000 сўмӣ** муқаррар карда шавад;

г) миқдори кўмакпулии ҳармоҳа ба маъюбон аз кўдакӣ **аз 513 350 сўм то 565 000 сўм** зиёд карда шавад.

2. Вазорати молия ҷудо кардани маблағҳои заруриро барои маблағгузории хароҷоти вобаста ба тадбирҳои муқаррарнамудаи Фармони мазкур аз ҳисоби бақияи маблағи Фонди ғайрибуҷавии нафақа, инчунин буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин намояд.

3. Ба Агентии миллии ахбори Ўзбекистон ва Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон якҷоя бо Вазорати молия васеъ равшан намудани мақсад ва вазифаҳои Фармони мазкур дар васоити ахбори омма ва Интернет тавсия дода шавад.

4. Ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Ўзбекистон мувофиқи замима тағйирот ворид карда шавад.

5. Вазорати молия дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муддати як моҳ ба Девони Вазирон дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки аз ин Фармон бармеоянд, пешниҳодҳо тақдим кунад.

6. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Ҷ.А.Қучқоров гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 4 июни соли 2021.*

## БАРОМАДИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН – ДАР НАШРИЯҲОИ КУРИЁ

***Суханронии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Ҳамоиши дуюми байналхалқии «Шарикӣ барои пешрафти сабз ва ҳадафҳои ҷаҳонӣ – 2030» (P4G), ки дар конфронси видеоӣ дар Сеул ба амал омад, аз ҷониби ҷомеаи байналхалқӣ бо шавқу рағбат қабул гардид.***

Дар суханронии худ роҳбари давлат як қатор ташаббус ва таклифҳоро пеш гузошт. Вай қайд намуд, пандемия собит сохт, ки саломатии инсон ва аҳволи муҳити атроф, ҳамчунин пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ чӣ андоза ба якдигар алоқаманд мебошанд, вобаста ба ин таҳдидҳоеро, ки худи табиат пеши мо мегузорад, набояд нодида гирифт. Дар бораи кам шудани ҳаҷми резишгоҳи дарёҳои асосӣ ва гуногунрангии биологии минтақаи мо низ суханони ҷиддӣ изҳор шуданд.

Иштироки Президенти кишвари мо дар ҳамоиши байналхалқӣ ва баромади ў дар бисёр нашриёҳои чопӣ ва интернетии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар расонаҳои ахбори оммавии Ҷумҳурии Куриё васеъ равшан карда шуданд. Чунончи, ба наздикӣ дар яке аз нашриёҳои машҳури Куриёи Ҷанубӣ – дар сомонаи The Korea Post дар бораи иштироки сарвари Ўзбекистон дар ин чорабинии бонуфуз мақола чоп гардид ва тарҷумаи пурраи суханронии ў ба забони англисӣ пешниҳод шуд.

Дар мақола гуфта мешавад, ки дар суханронии Президенти Ўзбекистон самтҳои муҳими дигаргуниҳое, ки дар мамлакат дар соҳаи пешрафти «сабз» амалӣ мешаванд, инъикос ёфтаанд, аз ҷумла нуқтаи назари роҳбари давлат ба пешомадҳои ҳамкории байналхалқӣ дар самти мазкур ифода гардиданд.

Шавкат Мирзиёев зарурияти муттаҳид сохтани саъю кўшишҳои тамоми ҷомеаи байналхалқиро барои қабул кардани қарорҳои самарабахш бинобар рушди «сабз» ва устувор махсус таъкид сохт. Аз ҳама муҳимаш, ба мақсади вусъат додани ҳамкориҳои тарафайни амалӣ дар соҳаи мазкур Президент изҳор намуд, ки Ўзбекистон барои дохилшавӣ ба шарикии P4G ва иштирокдори баробарҳуқуқи он гардидан тайёр аст, – менависад нашрия.

Пўшида нест, ки солҳои охир бисёр мушкилоти вобаста бо экология ва ҳифзи муҳити атроф мушоҳида мегарданд, ки дар тамоми ҷаҳон боиси ташвиши ҷиддӣ мебошанд. Аз тариқи вусъат додани чорабиниҳои баргузоршуда, ҷорӣ намудани ташаббусҳои пешқадам метавон дар соҳаи пешрафти «сабз» ба натиҷаҳои мусбат муваффақ шуд. Аз ин нуқтаи назар, бешубҳа, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон эътироф гардидани ташаббусҳое, ки аз ҷониби роҳбари давлати мо дар баромади ў дар ҳамоиши байналхалқӣ пешниҳод шудаанд, хурсандиовар аст.

**Муҳтарама КОМИЛОВА, хабарнигори ЎзА.**

# ТОҶИКОН ВА ӮЗБЕКОН – БАРОДАРОНИ ҶОВИДОН!

(Аввалаш дар саҳ.1).



Ҳамаи инро мо гӯё фаромӯш кардем, ҳамааш пас аз солҳои аввали истиқлолият аз хотирҳо зудуда шуданд. Ҳамин тариқ, ҳама дигаргун гардид. Сарҳадҳо баста гардиданд, одамон наметавонистанд ба хонаҳои хешовандонашон, ки дар ду ҷониби марз зисту зиндагӣ мекарданд, барои дидорбинӣ раванд.

**А.Кӯчимов:** – Соҳибкорони ӯзбекистониро лозим меомад харидорони худро ҷустуҷӯ кунанд, ҳарчанд харидор дар паҳлӯяшон буд. Фикр мекунам, дар Тоҷикистон низ барои фурӯши маҳсулоти шумо чунин мушкилот вуҷуд дошт.

Баъд аз он ки Президент Шавкат Мирзиёев Президенти Ӯзбекистон гардид, яхи байни муносибатҳои тарафайни мо об шуд ва халқҳои мо боз бо ҳам забон ёфтанд. Алҳол ин комёбиҳое, ки тӯли 4-5 соли охир дар байни муносибатҳои тарафайни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба даст омадаанд, бешубҳа, тавре ки коршиносони байналхалқӣ иброз медоранд, метавонанд барои давлатҳои дигар намуна шаванд.

**С.Сиддиқ:** – Бешубҳа!

**А.Кӯчимов:** – Ман бесабаб суҳбатамонро аз воқеаҳое, ки дар таърихи муносибатҳои тарафайни мо давраи навро боз карданд, оғоз нанамудам. Тавре ки маълум аст, дар Ӯзбекистон нисфи сокинони Осиёи Марказӣ зисту зиндагӣ мекунанд. Ӯзбекистон ва Тоҷикистон кишварҳое мебошанд, ки нафақат бинобар мавқеи ҷуғрофӣ, балки аз назари таърих ва тақдир низ зич алоқаманданд. Бинобар ҳамин ҳам Президенти Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба сифати роҳбари давлат ба таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо Тоҷикистон эътибори махсус медиҳад. Ба ин маънӣ аввалин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон дар моҳи августи соли 2018-ум идомаи мулоқоти қарини сиёсии байни кишварҳои мо гардид. Шумо дар ҳайати намояндагони ҳукуматии кишвари худ будед ва ҳамаашро мушоҳида кардед, ки президентҳои ду мамлакат масъалаҳои рӯзмарраи таҳкими ҳамкориро дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, нақлиётӣ, обу энергетика ва дигар ҷанбаҳои муҳим баррасӣ намуданд. Ҳамчун натиҷаи кори бузурги муштарак Шартномаи шарикии стратегии байни кишварҳои мо ба имзо расид, ки аз ибтидои даврони нави муносибатҳои нав шаҳодат медиҳад. Бинобар натиҷаи гуфтушунидҳо 28 ҳуҷҷат имзо гардид.

**С.Сиддиқ:** – Пас аз ин ташриф президентҳои кишварҳои мо чандин бор дар доираи ҳамоишҳои гуногуни байналхалқӣ вохӯрданд. 14-15 июни соли 2019 Президенти Ӯзбекистон ба Душанбе омад ва дар ҳамоиши панҷуми Машварат оид ба ҳамкории тарафайн ва тадбирҳои эътимод дар Осиё (МҲТТЭО) иштирок кард. Суҳбатҳои телефонии сарони кишварҳои мо ба муносибати санаҳои мухталиф ё худ бинобар масъалаҳои рӯзмарра ҷиҳати доимӣ пайдо карданд. Табодули ҳайатҳо аз ҷумлаи аъзои ҳукумат, вазорат, идора ва минтақаҳои кишварҳои мо мунтазам гузаронида мешаванд.

**А.Кӯчимов:** – Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамкориҳои муфиди тарафайни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба сатҳи нав бардошта шуданд ва ба манфиатҳои дарозмуҳлати халқҳои ду мамлакат, аз ҷумла мақсадҳои таъмин кардани сулҳ, эътидол, амният ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ ҷавобгӯ мебошанд. Оё чунин нест?

**С.Сиддиқ:** – Оре, муносибатҳои муфиди тарафайни ду кишвар, ки ба дӯстии бисёрасринаи тоҷикону ӯзбекон такя мекунад, чаҳор соли охир воқеан ба дараҷаи сифатан нав бардошта шуд. Дар байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон имрӯз зиёда аз 70 муоҳида дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт ва маданият ба имзо расиданд. Даҳҳо корхонаҳо дар Тоҷикистон бо иштироки сармояҳои Ӯзбекистон, дар Ӯзбекистон бошад, бо иштироки сармояҳои Тоҷикистон кор мекунанд. Барои ба роҳ мондани робитаҳои бевоситаи байни намояндагони соҳибкорони ду мамлакат дар Душанбе ва Тошканд анҷуманҳои тиҷоратӣ гузаронида мешаванд, Шӯрои соҳибкории Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таъсис ёфтааст.

**А.Кӯчимов:** – Бале, солҳои охир робитаҳои маданиву башардӯстона низ фаъол шуданд, ки халқҳоямонро қаринтар мекунанд. Дар Тошканд Маркази миллию фарҳангии Тоҷикистон, дар Душанбе бошад, Маркази миллию фарҳангии Ӯзбекистон кушода шуданд. Дар ҳар ду мамлакат мактабҳо бо забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ амал мекунанд, рӯзномаҳо ба ҳар ду забон чоп мешаванд. Сафарҳои тарафайни ҳайатҳо, кормандони эҷодӣ ташкил мегарданд, рӯзҳои маданият, консертҳо, намоишгоҳҳо, конфронсҳо гузаронида мешаванд.

**С.Сиддиқ:** –Ба қарибӣ, 19-22 дар Душанбе Рӯзҳои кинои Ӯзбекистон баргузор шуд… Барпо намудани консерту дидорҳои адабӣ бо иштироки ду халқ ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Ҳамаи ин, албатта, хушоянд аст. Фарҳанг дастоварди олии инсонист. Яъне он дороии моддӣ, кашфиётҳои илмию техникӣ, суннатҳои маънавӣ, асарҳои адабӣ ва ҳунарӣ мебошад, бинобар ин робитаҳои фарҳангӣ аз ҷумлаи воситаҳои самарабахштарини фаъолияти сиёсати хориҷии давлатҳост, зеро фарҳанг, илм, адабиёт, санъат – ин дастоварди тамоми инсоният буда, аз кулли сарҳадҳо ва монеаҳои миллӣ волотар аст. Дар ин маврид эътироф кардан ва муносибати боэҳтиромона доштан ба таърих ва фарҳанги якдигар хеле муҳим мебошад. Ҳамаи инро маҳз мубодилаи фарҳангии байни кишварҳо ва халқҳо таъмин карда метавонад.

**А.Кӯчимов:** – Ба ин маънӣ дар Душанбе кушода шудани боғи ба номи Алишери Навоӣ ва дар Самарқанд гузошта шудани муҷассамаи намояндагони барҷастаи адабиёти тоҷик ва ӯзбек Абдураҳмони Ҷомиву Алишери Навоиро метавон намунаи ҳусни эҳтиром ва санади иродаи неки президентҳои кишварҳоямон ҳисобид. Ғайр аз он, ба яке аз истгоҳҳои метрои Тошканд номи шоири маъруфи тоҷик Мирзо Турсунзода гузошта шуд. Ман мехостам ин рӯйдодро таърихӣ номам, аммо онҳо на танҳо аҳамияти таърихӣ, балки аҳамияти муҳим низ доранд, зеро онҳо ба мо ҳувviятро ба ёд меоранд, ки имрӯз бояд эҳё ва тақвият дод.

Ман дӯстӣ ва ҳамкориҳои шахсиятҳои бузургамон чун Ҷомиву Навоӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ бо Шароф Рашидов ва Ғафур Ғулом, Зулфиябону, Лоиқ Шералӣ бо Эркин Воҳидовро дар назар дорам.

**С.Сиддиқ:** – Эркин Воҳидов солҳои 70-уми асри гузашта дар бораи дӯстӣ ва ҳамкории халқҳои мо бисёр навиштааст. Ман шеъри ӯро, ки дар сомонаи мо чоп шуда буд, ёд дорам. Дар он сатрҳои зерин ҳастанд:

***Биз икки ёндош юртга,***
***Қадрдон жондош юртга,***
***Қадимдан қондош юртга,***
***Фарзанд бўламиз, дўстим.***

Ин мисраъҳо ба тоҷикӣ тақрибан чунин садо медиҳанд:

***Ба ду кишвари ҳамхон,***
***Ба ду халқи меҳрубон,***
***Ба ду мардуми ҳамсон,***
***Фарзанд мо, бародар.***

**А.Кӯчимов:** – Ин шеър «Тожик биродаримга» («Ба бародари тоҷикам») ном дорад, вай дар китоби «Бедорлик» («Бедорӣ»), ки дар Тошканд, фикр мекунам, соли 1985 нашр шуда буд, чоп шудааст.

Мо ҳоло бо шумо робитаҳои адабии ӯзбекиву тоҷикиро ба хотир овардем, ки решаҳояшон ба қаъри асрҳо мерасанд. Шакли зуҳури ин робитаҳо гуногунанд, яке аз онҳо шеърҳои ба ду забон навишташуда ё худ зуллисонайн мебошанд. Тавре ки шумо медонед, бисёр шоирону нависандагон, аз ҷумла Хоҷа Исмат Бухороӣ, Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат, Аҳмадҷон Ҳамдӣ, Баҳриддин Азизӣ, Рашид Абдулло ва дигарон асарҳои худро ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод кардаанд.

**С.Сиддиқ:** – Бале, ҳамин тавр аст. Дар натиҷаи дузабонӣ дар шеърият жанри ғайриоддии шеър «ширу шакар» арзи вуҷуд кард, ки матни он бо ду забон навишта мешавад. Барои мисол, яке аз шоирони мо навиштааст:

*«Азизам, хуш келибсиз!» –*
*гуфтаму оғӯш бикшодам,*
*Пас аз даҳсолаҳо аз дидани дидори*
*ту шодам».*
*Маро гуфтӣ: «Қалай, яхшимисиз,*
*дӯсти азизи ман?»*
*Ба хушнудӣ бигуфтам:*
*«Ту ҳамеша дар дилу ёдам».*

**А.Кӯчимов:** – Хеле хуб гуфта шудааст! Офарин ба шоири он! Ман аз таҳти дил мегӯям. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нафақат ғоя ва мазмун, балки жанр ва шаклҳои адабӣ низ метавонанд рӯзмарра бошанд. Зеро «ширу шакар» рамзи ҳаёти орому муътадил аст, ки дар олами нооромии кунунии ҷаҳонишавӣ хеле муҳим мебошад.

**С.Сиддиқ:** – Шумо дуруст таъкид кардед. Саъю кӯшиш барои ҳамдиливу ҳамгароии инсонӣ имрӯз дар роҳи сиёсии сарони давлатҳои мо ҷиҳати асосӣ ба шумор меравад.

**А.Кӯчимов:** – Мо дар бораи сафарҳои пешинаи сарварони ду давлат ҳарф задем. Ба шарофати иродаи қатъии сиёсӣ ва саъю кӯшишҳои муштараки президентҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон солҳои охир ҳамкориҳои васеъмиқёси байни ду кишвар дар тамоми соҳаҳо бо суръат ривоҷ меёбанд. Ба мақсади мунтазам идома додани ин ҷараёни мусбат ва ба дараҷаи сифатан нав бардоштани ин муносибатҳои муфиди тарафайни кишварҳои мо бинобар даъвати Президенти Тоҷикистон моҳи июни соли ҷорӣ ташрифи расмии Президенти Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба кишвари шумо пешбинӣ гардидааст. Мушаххас сохтани самтҳои нави шарикии стратегии кишварҳои мо, ҳамчунин вусъат додани робитаҳои бисёрҷанба дар пояи лоиҳа ва барномаҳои азими муштарак пешбинӣ мегардад. Дар Тоҷикистон ба ин сафар чӣ гуна тайёрӣ мебинанд?

**С.Сиддиқ:** – Тайёрӣ бо суръати баланд идома дорад. Қисмати пурмуҳтавои ташрифи расмии Президенти Ӯзбекистон омода карда мешавад. Ногуфта намонад, ки ин дар мулоқоти охири Сарвазирон Қоҳир Расулзода ва Абдулла Арипов баррасӣ шуда буд. Масъалаҳои пурмазмун сохтани барномаи чорабиниҳои дараҷаи олӣ, аз ҷумла лоиҳаи ҳуҷҷатҳое, ки бояд дар ҷараёни ташриф ба имзо расанд, баррасӣ шуданд. Дар вохӯрӣ ҳамчунин чораҳо бобати аз 500 миллион доллари соли 2020-ум то 1 миллиард доллар зиёд кардани савдои тарафайн дар солҳои наздиктарин аз ҳисоби ихтисор намудани тартиботи тиҷоратӣ ва таъмин сохтани дастёбии мусоиди маҳсулот дар бозорҳои ду мамлакат муҳокима гардиданд.

Маълумот дар бораи тайёрӣ ба сафари пешистодаи сарвари Ӯзбекистон ҳангоми мулоқоти вазири рушди иқтисодӣ ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ва вазири сармояҳову савдои хориҷии Ӯзбекистон Сардор Умурзоқов низ садо дод. Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дар бораи оғоз ёфтани бақайдгирии журналистоне, ки ташрифи Президенти Ӯзбекистонро равшан хоҳанд кард, хабар эълон кард.

Дар бораи барномаи қисмати фарҳангии сафар бошад, мо ҳоло гурӯҳи азими ҳунармандонро аз Ӯзбекистон интизорем. Онҳо якҷо бо ҳунарпешаҳои тоҷикистонӣ дар консерти «Шаби дӯстӣ», ки дар маҷмӯи давлатии «Кохи Борбад» бо иштироки президентҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баргузор мегардад, ширкат меварзанд.

**А.Кӯчимов:** – Бояд эътироф кард, ки халқҳои мо дар муносибатҳои байни кишварҳоямон давраҳои гуногунро аз сар гузаронидаанд. Шукри Худованд, ки имрӯз байни мамлакатҳои мо дар ягон соҳа мушкилоти ҳаллу фаслнашуда нест. Мо шоҳид шудем, ки муташанниҷии замоне ҳукмрон на ба иқтисодиёт, на ба фарҳанг, на ба аҳолӣ фоида овард. Бинобар ҳамин ҳам имрӯз кишварҳои мо ба пешрафт, пеш аз ҳама ба робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ эътибори махсус медиҳанд, аз ин хусус иштироки ҳайат бо сарварии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода дар ҷамъомади 8-уми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, ки 14-15 май дар Тошканд баргузор гардид, шаҳодат медиҳад.

Агар ба инкишофи савдои тарафайни байни кишварҳои мо дар тӯли солҳои охир назар дӯзем, метавонем пешрафти мусбатро мушоҳида кунем. Бо вуҷуди пандемия соли гузашта робитаҳои тиҷоратӣ қатъ нагардиданд. Тӯли ду соли охир мубодилаи тарафайни мол бидуни ҳисобу китоби хидматрасонӣ беш аз 10 баробар афзуд. Дар ин бобат восита ва хидматҳои нақлиётӣ, маҳсулоти бофандагӣ ва пластмассавӣ, техникаҳои маишӣ мавқеи асосӣ доранд. Муоҳидаҳо дар бораи ҷамъбандии техникаҳои кишоварзӣ, истихроҷи маводи сохтмон, маҳсулоти тайёри бофандагӣ, хӯроквορӣ ва ғайра татбиқ мегарданд. Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетикӣ мустаҳкам мешавад. Ӯзбекистон ба Тоҷикистон гази табиӣ расонда медиҳад, ҳаҷми воридоти энергияи электрӣ аз Тоҷикистон меафзояд. Барои ҳамкориҳои самарабахши кишварҳои мо бобати вусъат додани гузаргоҳҳои нақлиётӣ ва байналхалқии транзитӣ имкониятҳо мавҷуданд.



**С.Сиддиқ:** – Ҳамаи ин, бешубҳа, касро хурсанд мекунад. Агар дар ёд дошта бошед, сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам дар Душанбе ва ҳам дар Тошканд изҳор дошт, ки муносибат бо Ӯзбекистон барои Тоҷикистон ҳамеша ҷиҳати асосии сиёсати хориҷии мамлакати мо буд ва чунин мемонад. Ин пояи ҳамкориҳост. Яъне пеш аз ҳама ба муносибатҳо бо ҳамсоягони наздик бояд эътибор дод. Ин муносибатҳо бояд самимӣ ва эътимодбахш бошанд, ки мо онро ҳоло мушоҳида мекунем.

Тоҷикон чунин мақол доранд: «Аз хеши дур ҳамсояи наздик беҳтар». Зеро дар ҳама гуна душвориҳо маҳз ҳамсоя аввалин шуда ба кӯмак мерасад. Хешу табор, ки дар дур зисту зиндагӣ мекунанд, аксаран ба кӯмаки саривақтӣ расида наметавонанд.

**А.Кӯчимов:** – Бояд гуфт, ки Президент Шавкат Мирзиёев дар ҷараёни сафари худ ба Тоҷикистон, ки соли 2018-ум ба вуқӯъ пайваст, низ изҳор дошт, ки рушди муносибатҳои дӯстона бо Тоҷикистони ҳамсоя яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ӯзбекистон ба шумор меравад, мо тайёрем муносибатҳои дуҷонибаро ба дараҷаи беш аз пеш баланд бардорем ва онҳоро бо муҳтавои нави амалӣ пурра кунем.

Таҳлилгари асосии яке аз муассисаҳои пешқадами молиявии Русия – «Совкомбанк» Михаил Василев дар мақолае, ки ба наздикӣ таҳти унвони «Ӯзбекистон – паланги нави Осиёи Марказӣ» чоп кард, менависад: «Феномени махсуси иқтисодӣ – «палангони осиёӣ» аллакай ба китобҳои дарсии иқтисодиёт ворид шудааст. Палангони мавҷи аввалини осиёӣ – Куриёи Ҷанубӣ, Сингапур, Тайван ва Гонконг дорои замони пешравии худ аз солҳои 1960-ум то солҳои 1990-ум буданд, пешрафти босуръати онҳо пас аз буҳрони осиёии соли 1998-ум ба эътидол афтод. Палангони ҷараёни дуюм – Индонезия, Малайзия, Ветнам ва Таиланд бозсозиро аз охири солҳои 1990-ум оғоз карданд ва имрӯз аллакай дар силсилаи технологии дӯстони «куҳна»-и осиёӣ, ба онҳо бинобар сохтори иқтисодиёт наздик гардида, иштирок мекунанд…

Суръати воқеии афзоиши иқтисодиёти Ӯзбекистон аллакай солҳои зиёд боз аз 5 фоиз бештар аст ва ин вазъияти бад нест. Ӯзбекистон якҷо бо Тоҷикистон ягона кишварҳои ИДМ мебошанд, ки соли гузашта бо вуҷуди пандемияи коронавирус бинобар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба суръати мусбат ноил гардиданд».

Бигӯед, ки шумо пешрафти иқтисодии Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро дар чӣ мебинед, оё омилҳое, ки ба ин пешрафт монеа шаванд, мавҷуданд? Агар бошанд, шумо бобати аз байн бардоштани ин саддҳо чӣ фикрҳову таклиф мекунед?

**С.Сиддиқ:** – Ман фикр мекунам, дар роҳи рушди ҳамкорӣ, агар баъзе ҳодисаҳои ҷудогона ва хурди бюрократӣ ё худ дар маҳалҳо корро надонистан ё худ кор кардан нахостанро ба инобат нагирем, ҳеҷ гуна монеаҳои ҷиддӣ вуҷуд надоранд. Аз ҳама муҳимаш – президентҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои мо алҳол беш аз пеш барои баромадан ба дараҷаи сифатан нави муносибатҳои тарафайн саъй менамоянд. Ҳамчунин қаробату шабоҳати таърихӣ ва фарҳангии халқҳои мо, тавре ки дар ин бобат замоне академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» навишта буд, барои вусъат додани ҳамкории байни кишварҳои мо асосҳои муътамад фароҳам меоваранд.

Вобаста ба ақидаи таҳлилгари «Совкомбанк»-и Русия М.Василев, фикр мекунам, вай дар пояи таҳлили санадҳо ба чунин хулоса расидааст. Санадҳо бошад, собит менамоянд, ки Ӯзбекистон ва Тоҷикистон соли гузашта, бо вуҷуди пандемияи коронавирус, воқеан дар ИДМ ба натиҷаҳои беҳтарини иқтисодӣ муваффақ шуданд. Чунончи, тавре ки аз маърӯзаи Бонки рушди Авроосиёӣ бармеояд, Тоҷикистон кишвари ягонаи давлатҳо – аъзои ин банк гардид, ки дар ҷараёни пандемия ба рушди иқтисодӣ муяссар шуд.

М.Василев ҷараёнҳои якум ва дуюми «палангони осиёӣ»-ро мисол оварда, менависад: «Ҳоло замони ҷараёни сеюм фаро расидааст». Воқеан чаро Ӯзбекистону Тоҷикистон муҳаррики ин ҷараён набошанд?! Зеро алҳол дар ҳар ду мамлакат бинобар ҳисобу китобҳо тамоми он имкониятҳое мавҷуданд, ки дар Куриёи Ҷанубӣ, Сингапур, Тайванд, Индонезия, Малайзия дар оғози «соати пешрафт»-и онҳо вуҷуд доштанд, яъне захираҳои азими табиӣ, сармояи инсонӣ, ҳукумати тавонманд, ислоҳоти муттасили иқтисодӣ ва рушди илму техника, дастгирии тиҷорати хусусӣ, ҷомеаи муътадил мавҷуданд.

Михаил Василев дуруст меандешад, агар ҳолати ғайриинтизорро дар шакли эпидемия ё худ буҳронҳои ҷаҳонӣ сарфи назар намоем, замина барои пешрафт ҳаст. Омилҳое, ки қодир бошанд «паланг»-ро мунтазам бозистонанд ё бештар аз он боздоранд, вуҷуд надоранд.

Сарвари давлати мо, пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон як ҷумларо зуд-зуд такрор мекунад, ки аз он хеле хушам меояд: «Дар олам ягон кори имконнопазир нест, фақат хоҳиш зарур аст».

**А.Кӯчимов:** – Муҳтарам Саидалӣ Раҷабалӣ, шумо ҳамчун директори Агентии миллии иттилооти Тоҷикистон «Ховар» самаранок кор мекунед.

Ҳамкориҳои қарини кишварҳои мо бинобар ба роҳ мондани алоқаҳо дар соҳаи мубодилаи ахбор низ зуҳур мекунанд. Агар дақиқтар гӯем, дар ҷараёни сафари давлатии роҳбари Тоҷикистон ба Ӯзбекистон, ки 17 августи соли 2018 баргузор гардид, дар Тошканд байни ЎзА ва «Ховар» меморандуми ҳусни тафоҳум ва ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи ахбор ба имзо расид.

Аз фурсат истифода бурда мехостам бо қаноатмандӣ қайд намоям, ки ин ҳамкорӣ мустақимона идома меёбад. ЎзА тақрибан ҳар рӯз бо кӯмаки оҷонсии иттилоотии «Ховар» навгониҳоро аз ҳаёти Тоҷикистон равшан менамояд. Ғайр аз ин, бояд бигӯям, ки журналистони мо бо таъкид ба «Ховар» маводи таҳлилии хабарнигорони шуморо дар бораи воқеаҳои олам ба хонандагони ӯзбекистонӣ мерасонанд. Дар сомонаи ЎзА барои ин, ҳатто рукни махсуси «Навигариҳои шарикони мо» таъсис ёфтааст.

Шумо ҳамчун журналисти шинохта ва чун роҳбари оҷонсии пешқадами иттилоотии Тоҷикистон, кадом давр ва ҳодисаи байни кишвар ва халқҳои моро аз ҳама муҳиму хотирмон меҳисобед?

**С.Сиддиқ:** – Фикр мекунам, истиқрори муносибатҳои некҳамсоягии байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро, ки тавре шумо таъкид намудед, дар тавзеҳоти мушоҳидони байналхалқӣ ҳамчун «муносибати ғайриинтизор», «гардиш», «ҷаҳиши иқтисодӣ» бисёр зикр шуд. Ва рӯзеро, ки сарони давлатҳои мо ба якдигар бо суханони «бародари азиз» муроҷиат карданд, замонеро, ки мулоқоти самимӣ дар сатҳи олӣ ибтидо гирифт ва барои пурзӯр намудани ҳамкориҳои байниҳукумативу байниидоравӣ пойдевори мустаҳкам гардид. Тоҷикон ва ӯзбекон бародарони ҷовидонанд! Ин ҷиҳат дар таърихи муносибатҳои тарафайни давлатҳои мо бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд.

Ман эътимод дорам, замоне мерасаду кишварҳои мо хеле инкишоф меёбанд, ки дар саромади он алҳол сарони ду мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев қарор доранд ва мо он муъҷизаи иқтисодиро содир менамоем, ки замоне дар Ҷопон, Сингапур, Малайзия ва кишварҳои дигар, ки имрӯз «палангони осиёӣ» номида мешаванд, содир шудаанд.

**А.Кӯчимов:** – Бешубҳа, метавон дар бораи миқёси дигаргуниҳои мусбат дар муносибатҳои ӯзбекистониву тоҷикистонӣ мисолҳои зиёд овард. Вале ман низ бар онам, ки дастоварди бузургтарини кишварҳои мо ин иродаи сиёсӣ ва кӯшишҳои амалии сарони ду давлат ба шумор меравад, ки дар дилҳои миллионҳо нафар одамон ҳам дар Ӯзбекистон ва ҳам дар Тоҷикистон эҳсоси гармро бедор мекунад. Руҳи муносибатҳои мо, кайфияти одамоне, ки дар ҳар ду ҷониби сарҳад зисту зиндагӣ мекунанду пештар, ҳамчун тобеони вазъият, солҳо имконияти дидорбинӣ бо хешовандон, дӯстон ва қарибони худро надоштанд, куллан тағйир ёфт. Барои он, ки решаи ин мушкилотро дарк намоем, дар чеҳраи мардум дидани хурсандӣ кифоя аст, ки ҳангоми кушода шудани нуқтаҳои гузаргоҳӣ ва ба роҳ мондани рафтуои нақлиётии байни кишварҳои мо медурахшид.

Барои суҳбат ташаккури зиёд.

**С.Сиддиқ:** – Ба шумо ҳам ташаккур!

**ЎзА.**

## Нуқтаи назар

***Имрӯзҳо таҳти роҳбарии Президенти мо дар роҳи беҳбудии зиндагии мардум мақсадҳои азим пешбинӣ гардида, корҳои назаррас амалӣ гардонда мешаванд. Мақсади ниҳоӣ аз он иборат аст, ки мардуми мо фардо назар ба имрӯз зиндагии хубтару шукуфон ва хушбахтона дошта бошанд. Ӯзбекистон аз сафи кишварҳои барои тиҷорат ва сармоягузорӣ ҷолибтарин ҷой гирад.***

# ҚАДАМИ МУҲИМ ДАР ПЕШГИРИИ КАМБИЗОАТӢ

Дар ин ҷараён ҳисоб кардани хароҷоти ҳадди ақалли истеъмолии аҳолӣ масъалаи хеле муҳим аст. Дар ин як қатор омилҳо, аз ҷумла минималӣ ва таркиби истеъмол ба назар гирифта мешавад. Ба хароҷоти ҷории аҳолӣ барои истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва арзиши ҳадди ақалли истеъмолии оилаҳои ниёзманд эътибор дода мешавад. Дар навбати худ, шумораи аъзои оила низ муҳим аст. Сабаб дар он аст, ки шумораи аъзои оила, хусусиятҳои ба худ хоси тағйирёбии вазъи демографӣ ба инобат гирифта шуда, таркиби молҳои ғайриозуқаворӣ нисбат ба навъҳои онҳо ба назар гирифта мешавад.

Дар асл, ҳисоб кардани хароҷоти ҳадди ақалли истеъмолӣ дар тарзи ҳаёти одамон як қадам бошад ҳам ба пеш ҳаракат карданро ифода менамояд. Ин кафолат медиҳад, ки кӯмаки иҷтимоӣ ва моддии аз ҷониби давлат расонидашаванда ба соҳиби ҳақиқӣ ба таври возеҳ ва пурра расонида, ҳамин тариқ рӯйхат ва хидматҳо электронӣ, шаффоф пеш бурда шаванд.

Аз ин нуқтаи назар бо Бонки ҷаҳонӣ ба мақсади таъмин кардани шаффофият дар муайян намудани хароҷоти ҳадди ақалли истеъмолӣ, истифодаи васеи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва таҳкими адолат ҳамкории наздик ба роҳ монда шудааст. Дар 5400 хонаводаи аз тамоми ҳудудҳо интихобшуда пурсиш гузаронида шуд.

Масъалаи дигари муҳим он аст, ки ин рақамҳо нишондиҳандаи тағйирёбанда буда, мувофиқи он андозаи нафақа низ тағйир хоҳад ёфт. Маблағи ҳадди ақалли нафақа ва кӯмакпулиҳо ба ин миқдори муқарраршуда расонида мешавад. Агар ҳоло ҳадди ақалли нафақаи пиронсолӣ аз 256 ҳазор зиёд бошад, онҳо акнун ба 440 ҳазор сӯм баробар карда мешаванд.

Хулоса, кӯмаке, ки ба оилаҳои камбизоат расонда мешаванд, бояд дар дараҷае бошад, ки он боиси пурзӯр гардидани рӯҳияи туфайлихӯрӣ дар оила нашавад. Ба воситаи муқаррар кардани сатҳи ҳадди ақалл низоми ҷорӣ намудани миқдори камтарини пардохти музди меҳнат, нафақа, кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ аз нав офарида мешавад.

**Шӯҳрат БАФОЕВ,**
**узви ЎзЛиДеП дар Палатаи қонунгузории Олий Мажлис**

## ХАБАРҲО

### Шаҳрчаи замонавӣ дар соҳили Чирчиқ

***Дар даврае, ки ободониҳо дар саросари ҷумҳурӣ торафт бештар доман паҳн мекунанд, соҳили кӯл ва дарёҳо бештар сабзу хуррам мешавад.***

Чунончи, бо мақсади боз ҳам шодоб гардондани соҳилҳои Чирчиқ, ки аз Сергеливу Зангиато мегузарад, ҳаракатҳо оғоз меёбанд. Дар масофаи 16 километр соҳилҳоро то 65-80 метр тангтар (ҷафстар) гардонида дар ҷойҳои холие, ки ҳосил гаштааст, лоиҳаи «Business City»-и соҳили дарё ба амал бароварда мешавад. Объектҳои нави истеҳсолӣ, хидматрасонии тиҷоратию сервис қомат рост мекунанд. 16 километре, ки ба нақша даромадааст, аз шоҳроҳи Оҳангарон то ноҳияи Янгиҳаёт тӯл хоҳад кашид. Дар ҳудуди зикршуда манзилҳои замонавии истиқоматӣ низ сохта мешаванд. Назар ба таъкиди муовини ҳокими шаҳри Тошканд, лоиҳа дар давоми ду сол пурра амалӣ мегардад. Арзиши умумии лоиҳа 100 миллион доллари ИМА-ро ташкил менамояд. Бо шарофати татбиқи ин лоиҳа тартиби «артерияи об»-и шаҳр ва бехавф гардидани он таъмин мегардад, мегӯяд вазири сохтмон Ботир Зокиров.

Дар ҳудуди муайяншуда инчунин барпои майдонҳои истироҳатӣ, марказҳои тиҷоратии завқбахшо, мактабҳо, фабрикаҳо ва дигар объектҳо пешбинӣ гаштааст. Бо мақсади мустаҳкамсозии соҳилҳо ва тор гардондани маҷрову ҳавзаи дарё Вазорати молия ба ҳокимияти шаҳри Тошканд ба миқдори 300 миллиард сӯм ссудаи бефоиз ҷудо мекунад.

### Гувоҳномаҳо ба кӯдакон

***Ба 45 нафар кӯдакон, ки аз Сурия ба Ӯзбекистон оварда шудаанд, дар доираи амалиёти «Меҳр-5», ки дар шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд рӯи кор омад, гувоҳномаи таваллуд расмӣ карда шуд.***

Назар ба маълумоти идораи вилоятии Агентии хидматҳои давлатӣ дар ин кор Идораи корҳои дохилии шаҳри Чирчиқ, шуъбаи сабти далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ, мақомоти васигӣ ва ҳомигӣ, психологҳо ва намояндагон аз идораҳои дигари дахлдор ҳамдастӣ кардаанд.

Хотиррасон менамоем, 30 апрел ҳукумати Ӯзбекистон дар серияи «Меҳр» амалиёти панҷуми махсус гузаронд. Дар доираи он чорабинӣ 24 нафар занон ва 69 бача, ки бештар аз 3 сол инҷониб дар лагери «Алҳол»-и Сурия нигоҳ дошта мешуданд, ба Ӯзбекистон баргардонда шуда буданд.

### Таъсиси нишони нав

***Бо нишони сарисинагии «Халқлар дўстлиги», ки бо қарори ҳукумат таъсис ёфт, намояндагони мақомоти давлатии маҳаллию хориҷӣ, CFF, субъектҳои соҳибкорӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ, ВАО, ҳамватанҳоямон дар хориҷ, ки дар мустаҳкамсозии муҳити дӯстиву ҳамҷиҳатӣ байни миллат ва халқиятҳое, ки дар мамлакатамон кору зиндагӣ мекунанд, хидмати босазо кардаанд, мукофотонида мешаванд.***

Барои дида баромадани тавсияю тақдимномаҳо дар ҳузури Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва робитаҳои дӯстона бо кишварҳои хориҷии назди Девони Вазирон комиссия ташкил гардид ва он то 1 июл бобати муайян сохтани номзадҳои муносиб хулосаи ҷамъбастӣ қабул менамояд.

Нишон ва баробари он мукофоти пулӣ ба миқдори 380 ҳазор сӯм ҳар сол дар арафаи 30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо дар вазъияти тантананок супорида мешавад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Қарор ва иҷро

# СИМОИ ТАРҒИБОТГАР ДАР МАКТАБ

***Дар асоси Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 26-уми марти соли равон «Дар бораи чораҳои куллан такмил додани сохтори корҳои маънавӣ-маърифатӣ» дар ҳар як муассисаи таълими умумӣ вазифаи тарғиботгар доир ба масъалаҳои эҷодӣ-фарҳангӣ ҷорӣ гардид.***
***Хӯш, вазифаи тарғиботгар аз чӣ иборат аст? Онҳо бояд кадом чорабиниҳоро амалӣ намоянд? Мо маҳз бо ҳамин савол ба сардори Садорати таълими халқи вилояти Самарқанд Зебунисо Шодиева муроҷиат кардем.***

– 19-уми январи соли равон дар таърихи навини Ўзбекистон дар соҳаи такмилдиҳии корҳои маънавию маърифатӣ ва тарғиботи ғояи миллӣ дигаргуниҳои назаррас ба вуқӯъ пайваст, – гуфт Зебунисо Шодиева. – Сарвари давлатамон доир ба баланд бардоштани самарабахшӣ ва таъсирнокии корҳои маънавию маърифатӣ, ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ, тарғиби фарҳанги мутолиа, ривоҷ додани ҷараёнҳои таълими замонавӣ, ҳамнафасу ҳамқадами замон тарбия кардани насли наврас машварати видеоселекторӣ гузаронида, дар назди мо – педагогҳо, умуман аҳли фарҳанг вазифаҳои таъхирнопазир гузоштанд. Дар асоси супориши Раисҷумҳур Вазорати таълими халқ, Маркази маънавияту маърифати ҷумҳурӣ, Иттиҳодияи эҷодии журналистон ва Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон дар бораи дар мактабҳои миёна ҷорӣ кардани лавозими тарғиботгар оид ба масъалаи эҷодӣ-фарҳангӣ қарори муштаракро "Дар бораи дар амал ҷорӣ намудани вазифаи тарғиботгар доир ба масъалаҳои эҷодӣ-фарҳангӣ дар муассисаҳои таълими умумӣ" имзо намуд, ки аз 1-уми апрели соли равон дар амал мебошад.

**– Муаллима, ба ин вазифа киҳо қабул шуданд? Вазифаи асосии онҳо аз чӣ иборат аст?**

– Номзадҳои асосӣ – шоир, нависанда ва журналистоне мебошанд, ки узви Иттиҳодияи эҷодии журналистон ва Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон мебошанд. Инчунин, омӯзгорони фанни забон ва адабиёт, ки салоҳияти хуби эҷодӣ доранд, ба ин вазифа қабул карда мешаванд.

Вазифаи асосии онҳо хонандагони соҳибистеъдодро пайдо карда, ба фаъолияти эҷодии онҳо кӯмак намудан, бо иштироки шоиру нависандагон гузаронидани вохӯриҳои адабӣ, дар «Студияи театри ҷавонон» дар асоси асарҳои бадеии эҷодкорон ба саҳна гузоштани саҳнаҷаҳо, афзун сохтани меҳру муҳаббати хонандагон ба мутолиаи китоб ва дар ин замина дар дили насли наврас пурзӯр намудани эҳсоси муҳаббат ба Ватан, садоқат ба истиқлол, гиромидошти арзиш ва анъанаҳои миллӣ мебошад.

**– 25-уми май дар ҳамаи мактабҳо «занги охир» садо дод. Барои истироҳати хуби бачаҳо чӣ гуна чораҳо андешида мешаванд?**

– Воқеан, соли ҷорӣ 50647 нафар хонандагон мактабҳои ҳамагониро хатм карданд. Онҳо пас аз супоридани имтиҳоноти давлатӣ, ба имтиҳонҳои муассисаҳои таълими олӣ тайёрӣ мебинанд. Мо барои пурмазмун ташкил кардани таътили тобистонаи хонандагони синфҳои поёнӣ низ чораҳо меандешем. Ҳоло дар доманакӯҳҳои Зарафшон – деҳаҳои хушҳавои Оҳалик, Миронқули ноҳияи Самарқанд ва дигар ноҳияҳо истироҳатгоҳи мактаббачагон ташкил шуд. Инчунин, дар ҳар як ноҳия ва шаҳри Самарқанд майдончаи сиҳатмандгардонӣ амал мекунад. Ин маънои онро дорад, ки барои тарғибгарони маънавияту фарҳанг майдони эҷод фарох аст.

Хубии кор дар он аст, ки акнун фарзандону наберагони мо вақти пурқимати худро беҳуда нагузаронида, бо эҷодиёт, мутолиаи китоб, саёҳат ба оғӯши табиат, вохӯрӣ бо аҳли қалам мегузаронанд. Умед дорем, ки тарғибгарон дар пешравии корҳои маънавию маърифатӣ саҳми арзанда гузошта, барои баланд бардоштани сатҳи маънавияти насли наврас, чун инсони комил ба камол расидани онҳо хидмат мекунанд.

**Мусоҳиб Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ВАТАН, ҚИБЛАГОҲИ СУҶУДАМ ТУӢ!



Дар бораи шахсиятҳои маъруф, хосса бузургмардони илму адаб, корномаи дурахшони онон, ҳарфи тозае гуфтан, корест басо масъулиятпазир ва душвор... Ғолибан, бузургмардони илму адаби тоҷик, чӣ дирӯзу чӣ имрӯз, дар анвои улум қутби хешро доштаанду доранд. Ҷазбаи дурахши анвори афкорашон рӯшангари печу хамиҳо буда, онҳоро барои равандагони роҳи илму адаб чароғону ҳамвор месозад.

Сухан дар бораи шахсест, аз табори ситорагони илму адаби тоҷик, чун Суҳайлӣ, Зуфархон Ҷавҳаризода ва даҳҳо нафар шоиру нависандагони Устурушани бостонӣ. Ниҳоди ин мардуми наҷиб бо шеъру сухан, ҳунару халлоқият сиришта аст. Агар ба дастнависҳои кӯҳан, баёзу сафинаҳои ниёгонамон бингарем, хоҳем дид, ки танҳо аз нимаи қарни XIX то ибтидои қарни XX, яъне фақат дар тӯли 70-80 сол, мо беш аз 50 шоиру нависанда, риёзидону мусиқашиноси варзида доштаем, ки то кунун ношинохта мондаанд ва ному осорашон дар китобхонаҳои ин ҷову он ҷо ба зовияи фаромӯшӣ супурда шудаанд... Умедворем бо пайи қадами муборакӣ сарвари давлати Ўзбекистон, ҷидду ҷаҳди олимону нусхашиносони ду кишвар ин халои илмию фарҳангӣ пур аз муҳтаво ва ному осори он бузургони аз-ёдрафта эҳё хоҳад шуд.

Чунин ба назар мерасад, ки кӯлбори вазини таҳқиқоту пажӯҳишҳои мондагори устод Кароматуллоҳ аз ибтидо то имрӯз ҳамеша оканда бо шеър будааст... Чӣ дар сафар ва чӣ дар ҳазар (сукунат), чӣ дар ковишҳои илмӣ ва чӣ дар суҳбату суханрониҳо, яъне ҳамвора шеър дилбардору илҳомбахши ӯ будааст.

Устод Кароматуллоҳ Олимзода, академик, узви пайвастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз суфраи маънавии Абуалӣ ибни Сино, Ҳаким Саноӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Абусаиди Абулхайр, Мавлоно Ҷомӣ, Мирзо Бедил, Аҳмади Дониш ва дигар гузаштагони илму адаби тоҷик бархурдор шуда, китобу рисолаҳои арзишманде барои мардумон ба армуғон овардааст. Ӯ нахустин бор дар илми таърихи фалсафаи тоҷик ба таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи осору аҳволи орифони машҳури қарнҳои IX - XII пардохта, самараи заҳамоташро дар китоби "Тасаввуфи Хуросон" (1994) гирдоварӣ намудааст. Аксар осори фалсафиву ахлоқии устод чун манобеи дарсӣ дар донишкадаву донишгоҳҳо ва ҷаҳон тадрис мешаванд.

Академик Кароматулло Олимов ҳамчун сиёсатмадор низ пешинаи дурахшон дорад, саҳми ӯ дар оромишу шукуфоии Ватан, таҳкими равобити ҳасана бо кишварҳои ҳамсоя, мамолики хориҷа ҳоизи аҳамият аст. Ӯ дар лаҳзаҳои барои Тоҷикистон басо ҳассос масъулияти раёсати Вазорати фарҳанг, раёсати умури ЮНЕСКО оид ба мусолиҳаи миллиро бар ӯҳда дошта, солҳои тӯлонӣ ба ҳайси мушовири давлатии Президенти мамлакат ифои вазифа намудааст.

Имрӯз низ академик Кароматулло Олимов рукне аз аркони муҳимми илму тамаддуни кишварро ҳидоят мекунад. Ӯ ноиби Президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, сарварии шуъбаи байналмилалии илмҳои ҷомеашиносии Академияро низ ба ӯҳда дорад.

Бояд ёдовар шуд, ки устод Кароматуллоҳ Олимов аз зумраи шоиронест, ки осори назмии Алишери Навоиро ба забони тоҷикӣ бармегардонад. Ба фазли тарҷумаҳои салису равони ӯ, манзумаю маснавиҳои ин адабмарди бузурги адабиёти классикии ўзбек дар дилу дидаи хонандаи тоҷик ҷойгоҳи дурахшон касб кардааст.

Дар поён, ба унвони намуна аз китоби ашъори ба тозагӣ нашршудаи устод чанд чакомаеро ба ҳалқи ташнагони шеъру сухани дӯстӣ мечаконем ва умед мекунем, ки писанди хотиру дилҳояшон мегардад.

**Файзхоҷа МАҲМУДОВ,**
**ходими илмӣ ва нусхашиноси Пажӯҳишгоҳи таърихи Академияи илмҳои Ўзбекистон.**

***Кароматуллоҳ ОЛИМ***

## Бояд омӯзем дарси сулҳи Турсунзодаро!

*Бояд омӯзем дарси сулҳи*
*Турсунзодаро,*
*Шоири вассофи ишқу мардуми озодаро.*
*Орзу мекард сулҳу дӯстӣ ёбад бақо,*
*То шавад хушбахт халқи Осиёву Африқо.*
*Сӯфиён з-ин рӯ ба кори Сулҳи кул*
*пардохтанд,*
*Зиндагии хеш вақфи бахти инсон сохтанд.*
*Хостанд инсон мақоми эзидӣ пайдо*
*кунад,*
*Одами комил шавад, то асли худ эҳё*
*кунад.*
*Бояд омӯзем дарси Ваҳдати халқи Худо,*
*То шавад хушбахт авлоди башар*
*зери само.*
*Офарин бар ҳар касе, к-ӯ ёри*
*ирфонӣ шавад,*
*Покдил чун сӯфиёну дӯсте ҷонӣ шавад!*

## Дӯстӣ

*Ҳар кучо ки решаҳо дорад ниҳоли дӯстӣ,*
*Мешавад сарсабзу зебо аз ҷамоли дӯстӣ.*
*Борҳо хондем аз таъриху дидем дар ҳаёт,*
*Инҳидоми қавмҳо аз инфиоли дӯстӣ.*
*Кохи он давлат бақо дорад,*
*агар бигзоштанд*
*Дар асосаш хиштҳои безаволи дӯстӣ.*
*Эй ҷавонони Ватан,*
*уммеди сабзи тоҷикон,*
*Парваред андар замири худ*
*ҳисоли дӯстӣ.*
*Мерасад бар авҷи иззат ҳар кӣ парвозе*
*кунад,*
*Дар фазои синаҳои софу боли дӯстӣ.*
*Боиси бахти сиёҳи мардумон донӣ,*
*ки чист?*
*Дур аз сар кардаанд онҳо хаёли дӯстӣ.*
*Асрҳо бигзашт андар корзори хоку хун,*
*Асрҳо минбаъд бодо асру соли дӯстӣ!*
*То шавад хушбахт насли одамӣ*
*андар ҷаҳон,*
*Дарсҳо бояд паёпай аз ҷалоли дӯстӣ.*

## Ватан тоҷи сар

*Аз Ватан марғубтар ҷое намебошад*
*дигар,*
*Дилнишин дар баҳру бар ҷое намебошад*
*дигар.*
*Гарди он чун сурма равшан кард*
*чашмони маро,*
*Равшанибахши басар ҷое намебошад*
*дигар.*
*Ғунчаи ишқу умедам гул кунад дар*
*ин чаман,*
*Дилкушотар чун саҳар ҷое намебошад*
*дигар.*
*Ғофилон ҷӯянд амни хеш дар*
*ғурбатсаро,*
*Ғайри меҳан бехатар ҷое намебошад*
*дигар.*
*Дар Ватан нозу адои ёр дорад нашъае,*
*Нозбардоре дигар ҷое намебошад*
*дигар.*
*Ном хоҳӣ, нанг дорӣ, дар миёни халқ бош,*
*Мардро тоҷе ба сар ҷое намебошад*
*дигар.*

# ҒОЛИБОН МУАЙЯН ГАРДИДАНД

***Озмуни давраи чаҳоруми забон ва адабиёти тоҷик соли равон дар шаҳри бостонии Самарқанд баргузор гардид. Самарқанд ва самарқандиён, ки бо меҳмоннавозиашон оламиёнро мафтун гардонидаанд, бори дигар ин фазилаташонро исбот карданд.***

Имсол дар озмуни ҷумҳуриявӣ аз ҳашт вилоят 18 нафар довталабон, ғолибони озмуни вилоятӣ иштирок намуданд. Иштирокчиён дар давоми ду рӯз аз рӯйи ду намуд – навиштани иншо ва тест қувваозмоӣ карданд. Ҳакамон аз омӯзгорони пешқадами ҷумҳурӣ ва устодони Донишгоҳи давлатии Самарқанд интихоб шуда буданд. Лаҳзаҳои ҳаяҷоновар фаро мерасид.

Баъд аз санҷида баҳо гузоштани доварон ғолибони озмуни навбатӣ муайян гардиданд. Ҷойи аввал бо гирифтани 86 хол насиби хонандаи мактаби 88-уми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё Зикрулло Абдуллоев (устодаш Зубайдулло Норимов) гардид. Хонандаи мактаби рақами 12-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё Гулрухсор Сафарова (устодаш Дилором Назарова) бо гирифтани 83 хол соҳиби ҷойи дуюм шуд ва хонандаи мактаби миёнаи шумораи 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Хосият Рӯзиева (устодаш Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ўзбекистон Элмурод Рӯзиев) бо гирифтани 80 хол сазовори ҷойи сеюм гардид.

Ҳакамон аз рӯйи адолат ғолибонро муайян намуданд.

Ба ҳамаи ғолибони озмуни забон ва адабиёти тоҷик (давраи ниҳоӣ) ғолибият муборак бошад, ба онҳо дар кору фаъолияти ояндаашон бурдбориҳо таманно менамоем.

**Ҳилол РӮЗИЕВ,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато.**

# «АЗИЗУ МУЪТАБАР БОШАД МУАЛЛИМ...»

Инсон зиндагиро дӯст медорад. Вай мехоҳад, ки боз зиндагии аз ин ҳам ширинро аз сар гузаронад. Мехоҳад ба қуллаҳои баланди ҳаёт парвоз намуда, аз лаҳзаҳои беғубори он баҳраманд шавад. Барои он ки зиндагиаш рангинтар ва ширинтар бошад, дар назди худ мақсад мегузорад, ки дорои илму заковати писандида шавад.

Яке аз чунин инсонҳо омӯзгори пуртаҷрибаи мактаби таълимоти умумии рақами 12-уми ноҳияи Сӯх Эркинҷон Ҷамолов мебошад. Вай аз даврони мактабхонӣ ба қиблагоҳи худ, яъне падари азизаш ихлос ва ҳавасмандӣ зоҳир менамуд ва кӯшиш мекард, ки илму адаб омӯзад ва пайрави падар шавад. Инак, чанд сол мешавад, ки ба кӯдакони даврони истиқлол аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс мегӯяд.

Эркинҷон Ҷамолов хатмкардаи Донишгоҳи омӯзгории Самарқанд дар бахши суханшиносӣ мебошад. Дар баробари мутолиаи китобҳои дарсӣ ба хондани адабиёти бадеӣ таваҷҷӯҳи беандоза дорад.

Муаллим касби худро хеле дӯст медорад ва шогирдонро дар рӯҳияи садоқат ба халқу ватан тарбият менамояд. Падараш Саҳобиддин Ҷамолов дар гузашта яке аз омӯзгорони пешқадами мактабе буд, ки ҳоло писар он ҷо фаъолият мекунад. Домулло Саҳобиддин ба фарзандони мардуми деҳаи Қизилқиёқ навиштану хонданро омӯзонидааст ва ба онҳо аз одаму одамгарӣ сабақ додааст. Имрӯз вай давлати пирӣ меронад.

Эркинҷон Ҷамолов давомдиҳандаи кори падари худ буда, дар кори таълиму тадриси фарзандони мардум масъулият ҳис мекунад, то ки онҳо инсонҳои баору номуси диёри худ шуда ба воя расанд.

– Омӯзгор ҳамеша дар баҳри илму адаб ғӯтавар аст, зеро аввал худаш дарси одобу ахлоқро аз Рӯдакию Саъдӣ, Ҳофизу Атторӣ Нишопурӣ, Мавлои Руму Ҷомӣ, Навоиву Мирзо Бедил, Аҳмади Донишу устод Айнӣ, Турсунзодаву Лоҳутӣ ва Лоиқу Бозор меомӯзад. Баъд онро ба шогирдон интиқол медиҳад, – мегӯяд омӯзгори соҳибтаҷриба.

Тавре ки вай меафзояд, дарси муаллими забон ва адабиёти тоҷик бояд ҳамеша обуранги тару тозаро касб намояд, он ба забони шево ба ҳар як шогирд бирасад.

Ҳар як дарси Эркинҷон Ҷамолов бо тайёрии ҳамаҷониба мегузарад. Вай зуд-зуд дарси кушод ташкил мекунад.

Боре ҳамроҳи директори мактаб И. Мамасолиев ,ҷонишинони ӯ оид ба таълим М.Юлдошмаҳмадов ва оид ба маънавият ва маърифат А. Ашӯров вориди синфи 6-ум шудем. Мавзӯи дарс «Ситоиши ҳунар аз нигоҳи Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ» буд. Мавзӯи дарс дар тахтаи синф бо хати зебо навишта шуд. Ба воситаи видеопроектор дар экран суратҳои Низомӣ, Саъдӣ ва Ҷомӣ акс ёфта буд. Дар гӯшаи дигар зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо аз осори се бузургони адабиёт оиди меҳнат ва касбу ҳунар ҳусни ин дарсро афзоиш медод ва диққати ҳамагонро ба худ ҷалб мекард.

Дарси кушоди муаллим ба таври ноанъанавӣ ва усули «ҳуҷуми ақлӣ» гузашт. Албатта, он ба ҳар як шогирд таъсири мусбии худро гузошт. Дар ин бахши дарс шогирдон дарк намуданд, ки бархурдор будан аз фазилатҳои хуби инсонӣ, ҳунару ҳунармандӣ дар оянда барояшон манфиати зиёд меоварад.

Хонандагони фаъоли ин синф Ё. Баҳориддинов, М. Узоқбоев, Ҳ. Асадуллоев, Ф. Муродҷонова, М. Муҳаммадҷонова, С. Хайриддинова ва дигарон дар ҷараёни дарс намунаҳо аз ашъори ин бузургон қироат карданд.

– Дар дарс муаллим боис шуд, ки аксари шогирдон хеле фаъолнокӣ нишон диҳанд. Маълум шуд,ки Эркинҷон тавонистааст шавқу ҳаваси толибилмонро нисбат ба мероси бузургони адабиёт бедор кунад. Дарс бо асбобҳои айёнӣ ва ҳам бо таҷҳизоти гуногун оро дода шуд. Хонандагони синф зимни таҳлили панду андарзҳо ба умқи он сарфаҳм рафтанд, ки ин хеле комёбии калон аст, – гуфт Исроилҷон Мамасолиев.

Шогирдони Эркинҷон Ҷамолов дар озмунҳои фаннӣ фаъол иштирок намуда, шаъну шарафи мактабашонро баланд мебардоранд. Ҳамчунин маҳфили "Китобхони ҷавон" таҳти сарварии ӯ мегузарад. Хонандаи синфи 8-ум Ҷаҳонгир Алиҷонов аз рӯйи озмуни «Китобхонони ҷавон» дар ноҳия ғолиб дониста шуд ва роҳхат ба даври сеюми онро ба даст овард. Э.Ҷамолов роҳбарии маҳфили « Нури адаб»-ро низ ба ӯҳда дорад. Вай дар ин маҳфил хонандагонро бо навгониҳои фанни забон ва адабиёти тоҷик ошно мекунад, таваҷҷӯҳи онҳоро ба шеъру адаб меафзояд.

Ҳувайдост, ки шогирдонаш аз дарсҳои ӯ ҷиҳатҳои инсондӯстӣ, накӯкорӣ, поктинатӣ, ҳалимӣ, меҳру муҳаббат ва фазилатҳои дигари одамиятро меомӯзанд. Вай ба онҳо падарвор ғамхорӣ намуда, дар тарбияву ба камол расидани шогирдон заҳмати зиёд мекашад.

Шоир фармудааст:
*Азизу муътабар бошад*
*муаллим,*
*Ба ҳар кӯдак падар*
*бошад муаллим.*

**Мӯъмин МАҲМАДИЕВ,**
ноҳияи Сӯхи
вилояти Фарғона.

# АВТОМОБИЛИ «СПАРК», ТУҲФАИ ПРЕЗИДЕНТ БА СОҲИБАШ СУПУРДА ШУД



Ҳокими вилояти Сурхондарё Тӯра Боболов туҳфаи Президент – автомобили сабукрави «Спарк»-ро ба толибаи синфи 10-уми мактаб-интернати физикҳо ва математикҳои ҷавони рақами 1-уми ба номи Ал-Ҳаким ат-Тирмизии шаҳри Тирмиз, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия Рухшона Абдураззоқова супурд.

Роҳбари давлат ҳангоми сафари худ дар вилояти Сурхондарё, ки 1-2 июни соли равон ба амал омад, хонаҳои нави нӯҳошёнаи маҳаллаи «Боғишамол»-и шаҳри Тирмизро тамошо кард ва дар хонаводаи ду оила – Наргиза Раҳимова ва Фаррух Эгамов меҳмон шуд.

Президент бо шароит дар ҳуҷраҳои нав ошно гардид ва бо соҳибони онҳо самимона суҳбат кард. Духтари Н.Раҳимова, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия Рухшона Абдураззоқова дар бораи ҳаёти худ, дастовардҳояш дар хониш, ҷустуҷӯҳояш дар соҳаи адабиёт нақл кард. Ӯ бо ифтихор изҳор дошт, ки варо ба наздикӣ пешоҳанги созмони ибтидоии Иттифоқи ҷавонон интихоб кардаанд. Шоираи ҷавони соҳибистеъдод ба Президент китоби худро туҳфа кард.

Р.Абдураззоқова дар синфи 10-уми мактаб-интернати физикҳо ва математикҳои ҷавони рақами 1-уми ба номи Ал-Ҳаким ат-Тирмизии шаҳри Тирмиз мехонад. Соли гузашта ӯ барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия гардид. Тӯли солҳои гузашта се китоби шеърҳои вай ба чоп расиданд. Рухшона дар давраи ҷумҳуриявии озмуни «Ёш китобхон» фаъолона иштирок дошт.

Дар анҷоми суҳбат Президент ба модари ӯ Наргиза Раҳимова барои тарбияи ин духтари ҷӯёву соҳибистеъдод миннатдорӣ баён карда, автомобили сабукрави «Спарк» ҳадя намуд.

Дар чорабинии тантанавӣ, ки бинобар супурдани туҳфа баргузор шуд, намояндагони созмонҳои давлативу ҷамъиятӣ, собиқадорон, аҳолии маҳалла, ҷавонон, ҷомеаи мактаб-интернат ва ходимони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

– Ташрифи ногаҳонии Президент маро хеле ба ҳаяҷон овард, ман аз суҳбати самимӣ бо он кас бағоят хурсанд шудам – мегӯяд Рухшона Абдураззоқова. – Президент маро бодиққат шуниданд. Чун гуфтанд, ки ба ман автомобили сабукрави «Спарк»-ро туҳфа мекунанд, ман ба гӯшҳои худ бовар накардам. Ғайриихтиёр ҳам ман ва ҳам модарам гиря кардем. Ин туҳфа маро барои забти қуллаҳои нави дониш ҳавасманд мекунад. Ман эътимоди олии Президентамонро, ҳатман сафед мекунам.

**Холмӯъмин МАМАДРАИМОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

# ФИРДАВСӢ – ИФТИХОРИ ТАМАДДУНИ ҶАҲОНӢ



*Агар халқи немис мисли Фирдавсӣ шоиру мисли «Шоҳнома» асари безавол медошт, баробари вазни хурду аз тилло ҳайкал рост мекард.*

**Манфред ЛОРЕНС,**
**забоншиноси немис.**

*Дар олам ягон халқ мисли тоҷикон чунин ҳамоса надорад, ки тамоми таърихи ин халқро дар бар гирифта бошад.*

**Гелмут РЕЙТЕР,**
**шарқшиноси немис.**

Мардуми тоҷик "дар ҳар вақту дар ҳар он" сарбаланд ва ифтихорманд бояд бошад, ки дар таърихи тамаддуни башарият бо алломаву нобиға ва шахсиятҳои нотакрори худ мавқеи сазовор дорад. Фирдавсӣ, Анварӣ, Румӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Саъдӣ ва Ҷомиро Лоиқи зиндаёд ба Ҳафтдодарон (ситораҳо) ташбеҳ додааст:

*Он ҳафт марди шоир чун Ҳафтдодаронанд,*
*З-онҳо чу осмони ҳафтошёна ҳастем.*

Фирдавсӣ дар эҷоди достонҳои таърихию қаҳрамонӣ, Анварӣ дар навиштани қасида ва Саъдӣ дар иншои ғазалиёти рангин паямбар шинохта шуданашон низ боиси фахри мардуми мост:

*Дар назм се тан паямбаронанд,*
*Ҳарчанд ки "ло набию баъдӣ"*
*Авсофу қасидаю ғазалро,*
*Фирдавсию Анварию Саъдӣ.*

Дар ин рӯзҳои бузургдошти достонсарои яктои Аҷам Абулқосими Фирдавсӣ хостем чанд сатри парешро рӯи қоғаз оварем. Медонем, ки соли 1994 бо қарори ЮНЕСКО дар миқёси дунё ҳазорсолагии шоир ҷашн гирифта шуд ва дар аксари анҷуманҳо адабиётшиносон ва муҳаққиқони номӣ Фирдавсиро ба шоир ва достонсарои Юнони қадим, муаллифи асарҳои машҳури "Илиада" ва "Одиссея" Гомер дар як поя донистаанд, ки оё аз ин волотар мақом ҳаст?

Абулқосими Фирдавсӣ зодаи деҳаи Божи ноҳияи Табарони шаҳри Тӯс аст. Падари заминдораш, ки барои фароғату хонондани фарзандон шароити кофӣ дошт, Фирдавсӣ нағз хӯрду нағз пӯшиду нағз хонд. Бар заммі омӯзиши дониши амиқ аз ҳунарҳои волои хоси ҷавонмардон низ мукаммал бархурдор гашт.

Дар муҳити оила бо рӯҳияи қиссаву анъанаҳои қадимаи аҷдодӣ тарбия ёфта, аллакай дар ҷавонӣ ба ҷамъоварии ин қабил қиссаҳо пардохт. Ва нахуст дар натиҷаи заҳмату бедорхобиҳои худу ёварии ҳамешагии падар, хоҳиши шоҳони Сомонию маслиҳати дӯсташ Абумансур ибни Муҳаммад ба эҷоди "Шоҳнома" пардохт, ки он вақт шоир 41-сола буд. Чунон ки худи Фирдавсӣ гуфтааст, вай барои навиштани "Шоҳнома" 30 сол заҳмат кашида, тӯли ин солҳо аз амири Сомонӣ Нӯҳ бинни Мансур некиҳои зиёде дидааст:

*Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,*
*Аҷам зинда кардам, бад-ин порсӣ.*

Вақте ки Фирдавсӣ ба байтҳои охирини асари безаволаш нуқта мегузошт, синнаш ба 71 расида буд.

*Биноҳои обод гардад хароб,*
*Зи борону аз тобиши офтоб.*
*Пай афкандам аз назм кохе баланд,*
*Кӣ аз боду борон наёбад газанд.*

Дар ин байт он дороиҳое, ки аз падар вогузор шуда буд, тӯли 30 соли эҷод масраф гашта, акнун ягона умеди шоир аз "Шоҳнома" буд:

*Бипайвастам ин номаи бостон,*
*Писандида аз дафтари ростон.*
*Ки то рӯзи пирӣ маро бар диҳад,*
*Бузургиву динору афсар диҳад.*

Аммо бо тақозои тақдир сулолаи Сомониён парокандаву Султон Маҳмуд сари қудрат омад. Вай туфайли маслиҳатҳои ғаразноки вазирону надимони нотавонбинаш қадри Фирдавсию "Шоҳнома"-ро ба замин зад, ки ин боиси ранҷиши шоир ва эҷоди ҳаҷвияе гашт. Султон Маҳмуд фармон дод, ки Фирдавсиро ба зери пойи фил партоянд ва санаи муҳоҷирати шоир оғоз ёфт.

Дар баъзе ривоятҳо омадааст, ки баъди мурури вақт Султон Маҳмуд аз карда пушаймон шуда, ба шоир зару зевари зиёде ирсол медорад. Вақте ки надимони шоҳ вориди Тӯс мегарданд, аз дарвозаи дигари шаҳр тобути Фирдавсиро мебароварданд. Бо маслиҳат надимон тӯҳфаро ба духтари шоир Манижабону мебаранд, аммо ӯ қабул намекунад. Одамони шоҳ ноилоҷ ба он маблағ ҷойи дамгирие месозонанд, ки аз рӯйи нақли адабиётшиносон он кӯшки зеборо шоири тоҷик Носири Хусрави Қубодиёнӣ бо чашмони худ дидааст.

Дар хотима мо шодию нишотамонро пинҳон дошта наметавонем, чаро ки оиди як бузургмарди таърих, достонсарои яктои Аҷам, шоири кабиру хирадманд, ҳикматомӯз, ватанпарвар, инсондӯсту офаридгори "Шоҳнома"-и бемаргу безавол Абулқосими Фирдавсӣ маводе иншо месозем. Ва ҳини варақгардон намудани "Шоҳнома"-и 10 ҷилдаю достонҳои ба наср гардонидаи Сотим Улуғзода баръало ҳис намудем, ки бо таъбире "то кунун ҳеҷ шоире чунин достони оламгир ва он ҳам бо чунин суханварию балоғату фасоҳат нанигоштааст. Зеро асар ба он бузургӣ ва пур аз достонҳои дилангез, шаст ҳазор дурру гавҳари сухан далели раднопазири қудрати суханофариниши шоири шаҳир аст".

Ва номи мубораки Абулқосими Фирдавсӣ як умр барҳаёту тухми сухане, ки ӯ коштааст, ҷовидонист:

*Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,*
*Ки тухми суханро парокандаам.*

**Фирдавс ТОҶИДДИНОВ,**
**Вафодор РАҲБАРИДДИНОВ,**
**омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 7-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

# ҚОДИРӢ ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

Ба навишта шудани китоби ёддоштии Ҳабибулло Қодирӣ «Дар бораи падарам», ки оиди ҳаёт ва эҷоди адиби маъруф Абдулло Қодирист, панҷоҳ сол пур гашт. Баъдтар ин асар бо тасҳеҳу иловаҳо чанд бор бознашр гардид.

Муаллиф оиди адибони тоҷике низ бо муҳаббат ҳарф мезанад, ки бо падараш муносибати наздик доштанд ё асарҳояшро бо меҳр хондаанд. Зимнан, Абдулло Қодирию писараш тоҷикиро балад буданд, ба тоҷикон ва адабиёти тоҷик ихлоси баланд доштанд.

Вақте А.Қодирӣ ба таъбид дучор ва хазон гашт, Ҳабибуллои писараш (фарзанди дуюми хонадон) 19 сол дошт. Лозим омад ғайр аз чизҳое, ки дар хотир дошт, материал ғун кунад, бо Ойбек, Абдулло Қаҳҳор, Иззат Султон, Уйғун, Назир Сафаров, Зиннат Фатҳуллин, Ғайратӣ барин адибони куҳансол, ки ба Қодирӣ наздикӣ доштанд, ҳамсуҳбат шавад. Бо ин роҳ биографияи А.Қодирӣ пуррагӣ касб намуд.

Маълумотҳои «Дар бораи падарам» оиди муносибатҳои дӯстонаи А.Қодирӣ бо аҳли қаламии халқҳои бародар хеле ҷолиби диққат. Қодирӣ ва Бердӣ Карбобоев, Хидир Деряев, Мухтор Авезов ҳамкорӣ доштанд. Вай нависандаи рус Алексей Толстойро дар хонааш меҳмон кардааст, дар Маскав меҳмони Максим Горкий будааст. Асосгузори пояи адабиёти навини тоҷик Садриддин Айниро бошад, А.Қодирӣ устоди маънавӣ меҳисобид. Ҳабибулло Қодирӣ менависад, падарам нафақат аз аҳли қаламии ӯзбек, балки аз устодони сухани халқҳои дигар, аз ҷумла озар, тотор, қазоқ, туркман роҳу равиши ҳунари нигорандӣ омӯхтааст. Огоҳиаш аз адабиёти тоҷик, хусусан, қариниаш бо устод Айнӣ имкон фароҳам овард бештар тавфиқ ёбад. Зимнан, Ҳ.Қодирӣ номи устод Айниро борҳо зикр намуда ва пайдост дар таълифи «Дар бораи падарам» аз «Ёддоштҳо»-и устод истифода намудааст. Вай менависад: «Садриддин Айнӣ дар муқаддимаи «Ёддоштҳо»-яш назар ба навиштани асари бадеӣ як дараҷа мураккабии хотиранависиро гуфта гузаштааст. Вақте ин хотираро менавиштам, ин фикри Айниро борҳо аз дил гузарондам ва дурустии онро тасдиқ намудам. Чунки дар таълифи хотира қалам танҳо аз паси факту рақамҳо қадам мегузорад, берун баромада наметавонад. Ин шарт имконияти баёнгарро маҳдуд месозад, ӯро маҷбур менамояд бештар ҷустуҷӯ кунад».

Назар ба қайди муаллиф, худи Абдулло Қодирӣ тарҷимаи ҳол навиштан, ҳуҷҷат ҷамъ кардан, дафтари хотира доштан, ба нафаре нома навиштанро одат накарда будааст. Баъзе ҳуҷҷатҳои мавҷуда оиди зиндагиномаи адиб низ бинобар мураккабии замон, воқеаҳои нохуше, ки дар хонадони Қодириҳо рӯй додаанд, аз байн рафтаанд. Муаллифро лозим омад асосан ба дида ва шунидаҳои 19-солааш, ки аз меҳру марҳамати падари бузургвор баҳраманд буд, такя намояд.

Дар ҷое менависад: «Адиби номии тоҷик Ҷалол Икромӣ ҳикоя карда буд, ки «ман солҳои 1930 дар омӯзишгоҳи тоҷикии Тошканд мехондам, бо ҳамсабақам, ки мансуб ба миллати қазоқ буд, дар як хобгоҳ мезистам. Ҳамон вақт бори аввал «Рӯзҳои гузашта»-ро хондам. Шабу рӯз, ки мутолиа мекардам, дӯсти қазоқам «ин қадар мехонӣ?» гӯён ҳайрон мешуд. Ман бошам «сабр кун, ту ҳам мехонӣ» гӯён аз китоб сар намебардоштам. Ниҳоят романро хонда тамом кардам ва ба дӯстам хондани онро тавсия намудам. Ӯ аввал дилу бедилона хонд, баъд аз таҳти дил дода шуд.

Як рӯз, ман дар ҳуҷра дарс тайёр мекардам, дӯстам «Рӯзҳои гузашта»-ро варақ мезад. Нохост ӯ парида хест, даричаи печкаро кушод, китоби дасташро ба коми оташ партофт. Ман ҳайратзада «Ҳой, ба ту чӣ шуд?» гуфтам. Вай гирист ва «Кумуш мурд!» гуфт... Китоби нимсӯхтаро базӯр аз печка гирифтам...»

Дар ҷои дигари «Дар бораи падарам» нақл шуда, ки вақти дар хонаашон меҳмоншавии Алексей Толстой, дар авҷи зиёфат, падараш рубоиҳои Умари Хайёмро дар асл мехонд, маънояшро ба ҳозирон мефаҳмонд.

Мегӯянд, устод Айнӣ повести «Одина»-ро навишта, ба Қодирӣ супоридааст, то хонда баромада, фикрашро гӯяд, ки дар ин бобат низ ишораҳои Ҳ.Қодирӣ мавҷуд. Қодирӣ «Одина»-ро хонда: «Асарингиз яхши, домла, бироқ озгина ӯт бериш керак, ӯқишли бӯлади» гӯён маслиҳат дода будааст.

Зимнан, Айнӣ дар «Одина»-и худ:

*Кеча-кундуз ишлаган,*
*Нон дебон тош тишлаган,*
*Оғир исён бошлаган,*
*Мардикорлар қулмиди?..*
*Ё эгаси улмиди...*

-ро навишта, ба зери шеър қайд кардааст: «Шу тӯрт банд шеър Абдулла Қодирий (Жулқунбой)нинг «Меҳробдан чаён» олтиғ романининг «Қирқ-қизлар» бобида «Назми» тахаллуси билан ёзилган шеърига шакл жиҳатдан ӯхшатмадир».

Ҳ.Қодирӣ менависад, «нахустнашри романи «Дохунда»-ро ҳанӯз нигоҳ медорам».

Дар китоб Айнӣ ин тавр дастхат гузоштааст: «Ӯртоқ Абдулла Қодирийга, ёзувчи томонидан арзимас ёдгорлик. 18 июл, 1931, Самарқанд. Айний».

Устодон Айниву Қодирӣ соли 1932 ҳамроҳ ба Маскав сафар ва дар маҷлиси ташкилии Кумитаи нависандагони иттифоқ иштирок карда буданд.

Борҳо шудааст Қодирӣ Айниро аз ҳуҷуми даҳонӣ ва ғайбати баъзе ҳаммиллатонамон ҳимоят намояд. Масалан, нафаре меҳмондӯстии Айниро инкор месозад, мегӯяд ман хуб мешиносам ӯро, ҳеҷ вақт ин гуна зиёфат надодааст. Қодирӣ ба даҳони ғайбатчӣ «мезанад» ва мегӯяд ба чӣ қадар дастархондорӣ ва меҳмондӯстии ӯ ман гувоҳ!

«Соли 1935 «Каждум аз меҳроб» бори сеюм нашр шуд, қайд намудааст Ҳ.Қодирӣ, худи ҳамон сол тарҷумаи тоҷикии Ализода низ аз чоп баромад (тавассути Нашриёти давлатии Тоҷикистон). Чанд нусхаи китобро аз Душанбе фиристоданд, дарҳол хонда баромадам. Падарам пурсид:

– Чӣ хел, тарҷума маъқул?

– Маъқул. Ба асл хеле наздик, – гуфтам.

– Забони форсӣ-тоҷикӣ хеле дилрабо, ибораҳои забонӣ ва урфу одатҳоямон хеле наздик, барои ҳамин ҳам тарҷума равон ва зебо мебарояд, гуфт ӯ...»

Муҳаббати ба тоҷикон, ба забон ва адабиёти тоҷик доштаи Абдулло Қодириро аз чунин қаламиҳои Ҳабибулло Қодирӣ низ пай бурдан мумкин, ки «Дар бораи падарам» инро ҳамеша хотиррасон менамояд.

**М.ШОДИЕВ.**



*Дар муассисаҳои таълимии вилояти Андиҷон ба мақсади баркамол ва солим ба воя расондани насли наврас, оммавӣ гардондани варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, тарғиби тарзи солими ҳаёт мусобиқаҳои варзишӣ гузаронида шуд.*

***Дар сурат:*** *лавҳа аз мусобиқаҳо.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ӮзА).***

## Мақсад – хидмати хуб

***Садорати нақлиёти вилояти Фарғона ба манзури иҷрои қарор ва фармонҳои Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷидду ҷаҳд менамояд. Ба наздикӣ мазмун ва моҳияти қарори сарвари давлат Шавкат Мирзиёев аз 7 майи соли 2021 дар байни кормандони садорат шарҳу тафсир гардид.***

Ҳадафи асосии ин қарор аз он иборат аст, ки фаъолияти нақлиёти мусофиркашонӣ ба тартиб дароядд, ба коҳиш додани дараҷаи иқтисодиёти пинҳонӣ ноил гардида, ҳамчунин шароити созгору муносибро барои кормандони соҳаи мазкур фароҳам овардан мебошад.

– Қарори Президент моро водор месозад, ки дар кори хидматрасонӣ ба мардум дараҷаи онро такмил бахшем ва ба ҳурмат сазовор гардем. Дар ин самт боз вазифаҳои зиёде мавҷуданд, ки кормандони соҳа бояд онро бо сифати аъло ба сомон расонанд, – гуфт сардори Садорати нақлиёти вилоят О.Иркабоев дар як суҳбати мизи гирд.

Вай афзуд, ки вазоратҳои молия ва нақлиёт ба таклиф дар бораи он ки аз 15 майи соли 2021 то охири соли 2022 дар мавриди ба тартиб андохтани мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ ризоят доданд, ки ба таври озмоишӣ роҳандозӣ хоҳад шуд. Дар ин суҳбати мизи гирд моҳияти шарт ва тартиби гузаронидани вазифаҳои муҳим дар самти мазкур низ ба таври васеъ фаҳмонида шуд.

## Соҳибони ҳуҷҷати қалбакӣ фош гардиданд

***Дар натиҷаи роҳандозии чорабинии профилактикӣ дар шаҳри Фарғона 15 нафар, дар шаҳри Қӯқанд 19 нафар ронандаҳо ба қайд гирифта шуданд, ки бидуни санади лозимӣ ба мусофиркашонӣ машғул мешуданд. Дар муқобили ин ронандаҳо протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, мошинҳои онҳо ба истгоҳҳои ҷаримавӣ гузошта шуд.***

Дар миёни соҳибони ҳуҷҷатҳои қалбакӣ сокини шаҳри Фарғона А. Абдусолиев мисоли равшани ин ҳол мебошад. Ба вай ҶММ "Ҳамкортакси" аз 7 майи соли 2021 таҳти рақами АТ-2009371 литсензия додааст. Аммо таҳқиқоти ходимони Садорати нақлиёти вилоят маълум намуд, ки ин литсензия сохта мебошад ва А. Абдусолиев ба воситаи он худсарона ба мусофиркашонӣ машғул шудааст. Ин фаъолияти ғайриқонунии ронанда фош гардида, нисбати вай протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд.

Минбаъд ронандаҳое, ки ба таври пинҳонӣ ва бидуни санади лозимӣ ба мусофиркашонӣ машғул мешаванд, ба ҷазои маъмурӣ кашида хоҳанд шуд. Дар ин бора ходимони Садорати нақлиёти вилоят ва шӯъбаҳои шаҳриву ноҳиявии он корҳои фаҳмондадиҳӣ пиёда мекунанд.

Нуктаи дигар қобили зикр мебошад, ки ронандаҳои мусофиркашон талаботи қонунҳои мавҷударо дуруст дарк накардаанд, дониши ҳуқуқии онҳо низ мувофиқи талаб намебошад. Барои ҳамин як гурӯҳ ходимони ниҳоди мо барои дар байни ронандагони мошинҳои мусофиркашон пиёда кардани корҳои таблиғотӣ сафарбар шудаанд. Он натиҷаҳои босамар хоҳад дод.

**Зиёда НАҶИМОВА,**
**котиби матбуоти Садорати нақлиёти вилояти Фарғона.**

*Гиромидошт*

# БОҒБОНИ БОҒИ МАЪРИФАТ

*Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,*
*То бад-он базми касон афрӯзӣ.*

**ҶОМӢ.**

Сӯхтану сохтану афрӯхтан мароми зиндагии ӯ буд. Умре дар талошу мубориза будан, дар пайи ободиву сохтан ҷидду ҷаҳд кардан, барои хушбахтиву камоли фарзандони халқ сӯхтану дар базму маҳфилҳо чун чароғ нуру зиё бахшидан ба кам касоне муяссар мегардад. Ин фазилатҳои нек танҳо ба бандагони хоссаи Худо муҷассам аст.

Салим Атоев воқеан аз ҷумлаи чунин мардони Худо буд. Барои инсони комил будан бояд ҳам сурат ва ҳам сирати кас зебо бошад. Устоди мо, хушбахтона ҳам сурати зебо дошту ҳам сирати зебо.

Салим Атоев дар деҳаи зебоманзари Пасурхии ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё таваллуд ёфт. Айёми кӯдакии ӯ ба солҳои ҷанги хонумонсӯзи фашизм ва баъди ҷанг рост омад. Дар мактаби зодгоҳ таълиму тарбия гирифт. Аз кӯдакӣ зираку доно, ғаюру шуҷоъ, ҳозирҷавоб буд. Аз ҳамсолони худ ба куллӣ фарқ мекард. Бо хулқу одоби накӯ, дониши баланд ва ҷаҳонбинии васеъ, дасту бозуи қавӣ ва иродаи мустаҳкамаш намунаи дигарон буд. Шуғли дӯстдоштааш китобхонӣ ва варзиш. Ӯ пайи амалӣ гаштани орзуҳои ширин шабу рӯз ҷидду ҷаҳд дошт. Дар мусобиқаҳо ҳамеша дастболо буд.

Таълиму тарбияи устодон, саъю ҳаракати волидайн бесамар нарафтанд. Ӯ соли 1961 донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Самарқанд гардид. Айнан дар ҳамин давра чун оҳан обутоб ёфт. Тамоми ҳастии худро ба омӯзиш ва варзиш бахшид. Дар дарсҳо фаъол, дар тадбирҳо ташаббускор буд. Шарикдарсон ва ҳатто гоҳе устодон аз ӯ маслиҳат мепурсиданд. Бо хислатҳои нек, дониши васеъ дар донишгоҳ ном баровард. Вақти пурқимматро беҳуда сарф намекард, баробари азхуд кардани дарсҳо китобҳои бадеиро бисёр мехонд, пайваста бо варзиш машғул мешуд. Айёми донишҷӯияшро дӯсти азизу қадрдони ӯ шодравон Равшани Эҳсон, ки дар як ҳуҷра зиндагӣ кардаанд, бисёр ёдовар мешуд, дониши воло, ақлу заковат, дасткушодиву ҷавонмардии ӯро эътироф мекард.

Салом Атоев чун аз солҳои мактабӣ ба варзиш, алалхусус, гӯштии миллӣ ва самбо дилбастагии зиёде дошт, дар айёми донишҷӯӣ низ пайваста машқ мекард ва дар мусобиқаҳои бонуфуз ширкат варзида аксаран дастболо мешуд.

"Паҳлавон буду узви дастаи яккачини гӯштигирон. Се маротиба (солҳои 1963-64-65) дар вазни сабук (65-67 кг) чемпиони ҷумҳурӣ аз рӯйи гӯштии тарзи самбо гардида, номзад ба устодии спорт шуд. Он солҳо гӯштигирии миллии тарзи Бухоро нав ташкил шуда буд. Вай ғолиби донишгоҳ, шаҳри Самарқанд, ҷумҳурӣ, Осиёи Вусто, билохира, дар Гурҷистон ҷоизадори мусобиқаи умумииттифоқ гашта буд", – ёдовар мешавад устод Равшани Эҳсон.

Лекин ӯ ҳеҷ гоҳ аз дасту бозуи пурқуввати худ мағрур нагаштааст. Касеро озор нададааст, баръакс далеру ҷасур, ки буд танбеҳи ононеро медод, ки муштзӯри авбош буданд. Донишҷӯёни бепуштупаноҳ дар симои ӯ як ҳимоятгари баҳимматро медиданд. Устод Салим Атоев минбаъд ҳам шуғли гӯштигириашро идома дод. Дар мусобиқаву тӯйу маъракаҳо қувваозмоӣ мекард ва соҳиби мукофоту ҷоизаҳо мегардид.

Ӯ соли 1966 донишгоҳро хатм намуд. Фаъолияти омӯзгориро соли 1966 дар мактаби рақами 5, ки худ дастпарвари он буд, оғоз кард. Мо солҳои 1969-1979 дар мактабе таҳсил гирифтаем, ки айни фаъолияти пурҷӯшу хурӯши устод буд. Ҳангоми дар синфҳои якум то чаҳорум хонданамон гоҳ-гоҳ ба синф даромада, дониши моро месанҷид, моро рӯҳбаланд месохт. Баъдан бевосита аз сабақҳои устод баҳраманд шудаем, ки то ҳанӯз чун панди зиндагӣ дар ёд дорам. Ҳама устодону шогирдони дабистон ба ӯ бо ҳавас менигаристанд. Зеро дар симои вай омӯзгори ҳақиқӣ, фидоӣ ва пурқатъиятро медиданд. Ӯ ба зудӣ дар миқёси ноҳия ва вилоят шинохта шуд. Тадбирҳои фарҳангӣ созмон медод. Шогирдонаш дар озмунҳо фотеҳ гардида номи ӯву мактабро боло мебардоштанд. Аз комёбиҳо меболид, вале ҳаргиз ба ҳавобаландиву худписандӣ роҳ намедод. Зеро ин хислатҳо ба ӯ бегона буданд. Муваффақияти хешро бо дигарон ба ҳам медид. Ҳамаро дастовардҳои мактаб меҳисобид.

Аз соли 1970 то 1980 ба ҳайси муовини директор фаъолият дошт. Соли 1980 ӯро директори мактаб таъин карданд. Акнун масъулияташ боз бештар гардида буд. Ӯ дар қадами аввал мактабро хуб аз таъмир баровард. Атрофи мактабро бо панҷара маҳкам намуда, садҳо бех ниҳоли мевадор ва манзаравӣ шинонида, 1 гектар боғ бунёд намуд. Аз ҳосили он даромади зиёде гирифта, барои эҳтиёҷи мактаб масраф менамуд ва ҳамин тариқ баҳри мактабиён ҳама шароити мусоидро омода сохт. Ӯ ба маънои том боғбони боғи маърифат буд. Чун роҳбари дилёб тавонист дар мактаб як муҳити солим офарад. Обрӯйи мактаб боло рафт. Ба ҳамаи ин туфайли дониши баланд, серталабӣ, муомилаи неку самимӣ бо зердастон, манфиати ҷамъиятро аз манфиати шахсӣ ҳамеша боло гузоштан, тамаъгарӣ накардан, ҳалолкорӣ пеша кардан, кори таълиму тарбияро дуруст ба роҳ мондан муваффақ гардид. Ӯ 22 сол дар мактаби мазкур ба ҳайси роҳбар кор кард. Вақте ки ба нафақа мебаромад, муаллим ва дӯсти ҷониаш Равшани Эҳсон мақолае бо номи "Оқиле, дарёдилеву боғурур" навишта, дар он аз ҷумла зикр кардааст: «Ӯ аз мактабе, ки хонаи дуюмаш гашта, умри ҷавониашро бедареғ бахшидааст, 36 сол аз дараш бо нияти нек даромадааст, аз мактабе, ки ҳусни ҷавонии юсуфиашро он ҷо коҳондааст, аз мактабе, ки мӯи сиёҳи қатрониашро он ҷо нуқрафом кардааст, аз мактабе, ки қувваи паҳлавониашро додааст, сарбаланд рафт...»

Лекин афсус, ки хизматҳои устод аз ҷониби зимомдорони давр қадршиносӣ нагардид. Устод, ки хоксору фурӯтан буд ва шуҳратпарастиро бад медид, ба ин умедвор ҳам нашудааст. Мукофоти ӯ меҳру самимиятест, ки дар зиндагӣ ва баъд аз маргаш ҳам шогирдони сершумор, мардуми диёр ва дӯсту ёр дар қалбҳояшон мепарваранд.

Устод Салим Атоев дӯстдори фарҳанги ниёгон, посдори забони модарӣ буд. Таърих у адабиёти пурғановати аҷдодро хуб медонист. Шоҳбайтҳои бузургонро бисёр аз бар карда буд. Дар минбари сухан, маҳфилу базмҳо ва суҳбатҳои хосса ҳамеша аз онҳо истифода мекард. Ташвиқгару тарғибгари забони модарӣ буд. Рӯзномаҳои тоҷикии "Овози тоҷик", "Садои Сурхон", "Бохтар", "Ховар", "Бойсун"-ро ҳамеша дастгирӣ мекард. Мақолаҳояш дар ин рӯзномаҳо мунтазам чоп мешуданд. Нисбати ононе, ки ба хор кардани забони тоҷикӣ сабаб гардида, ба паст задани миллат азм мекарданд, беамон мубориза мебурд.

Дар оғози солҳои навадум дар мактаби рақами 14-уми Тирмиз синфи тоҷикӣ ташкил карда шуд. Он солҳо хонандагонро бо китобҳои дарсӣ ва бадеӣ таъмин намудан мушкилот дошт. Зеро аз Тоҷикистон ба сабаби мувофиқ наомадани дастури таълимӣ ва баъдтар баста шудани роҳҳо китоб дастрас намешуд. Дар Ӯзбекистон бошад, барои мактабҳои тоҷикӣ китобҳои дарсӣ намерасид. Устод аз мактаби худ барои синфи тоҷикии ин мактаб китоб ҷудо кард ва мушкилотро ҳал намуд. Замоне, ки дар Сурхондарё аз ҷониби роҳбарони маҳаллӣ қонунҳои мавҷуда ва Конститутсия дағалона вайрон карда шуда, мактабу синфҳои тоҷикӣ баста шуданд, ӯ аз аввалинҳо шуда ба ҳимояи он хест. Вале дар ин ҷода ӯ бештар аз ҳамзабонони худ гила дошт. Дар пиронсолӣ месӯхт, ки ҳамдиёрону ҳамзабонон нисбати забону миллат беҳад бефарқ шудаанд, ғуруру ифтихорашонро поймол кардаанд.

Хулоса, устод Салим Атоев аз ҳар ҷиҳат: ҳам дар паҳлавонӣ, ҳам дар омӯзгорӣ, ҳам дар роҳбарӣ ва ҳам дар одаму одамгарӣ намунаи ибрат буд. Дар тӯли зиёда аз 80-соли умри бобаракаташ фақат некӣ намуд, ба касе кина наварзид, ба касе ҳасад набурд. Дар ҳар кору дар ҳар мавриd маслиҳатгар ва раҳнамои мардум буд. Ба таъбири Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ:

*Хуррам он кас, ки бар ин дафтари пок аз ҳама ҳарф,*
*Рақами хайр кашиду асари хайр гузошт...*

**Саидвафо БОБОЕВ,**
**рӯзноманигор.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 819, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.